БУРҲОН САЛМОНОВ

# ХОСТГОРӢ

Душанбе
“Адиб”
2015

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир: *Муҳтарам Ҳотам*

С-35 **Бурҳон Салмонов. Хостгорӣ** *(Ҳикояҳо)*.
– Душанбе, «Адиб», 80 саҳ.

Нависандаи ҳаҷвнигор Бурҳон Салмонов дар радифи қаламкашони сермаҳсул қарор дорад. Ӯ дар маҷмӯаи наваш ҳикоя ва латифаҳои намакинро гулчин карда, ба дӯстдорони ҳаҷв пешкаш кардааст.

Қаҳрамонони ҳикоя ва латифаҳо миёни мову шумо зиста, аз нигоҳи равонӣ ва ахлоқӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Адиб кӯшидааст, ки чоплусию такаббурӣ, хушомадзанию тамаллуқкорӣ, инчунин амалу кирдори пасти баъзе одамонро, ки барои ҷомеа зарароваранд, мавриди накуҳишу мазаммат қарор диҳад, то хонанда аз он сабақ бигирад.

Бовар аст, ки китоб писанди дӯстдорони ҳаҷв мегардад.

ISBN 978-99947-2-399-7

© Нашриёт «Адиб», 2015

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ОДАМ

**Б**аҳси се нафар олими забошинос: Ҷалили Муштоқӣ, Собири Ҳаводӯст ва Сафои Сиддиқ сари як пиёла чой, баъди тавсифу таърифи Одам – чун офаридаи Худованд, ки дорои шуур аст, яку якбора ба шарҳу тафсир ва маънои луғавии он бадал гашт. Олимон вожаи «Одам»-ро чунон аз ғалбери луғатҳои тафсирӣ гузарониданд, ки дар натиҷа вобаста ба



маънои «Одам» даҳҳо хулосаю пешниҳод пайдо шуд. Ҷалили Муштоқӣ мегуфт, ки «Одам» бо он мафҳуме, ки дорад, дар аксари забонҳо тарҷума нашуда, дар дунё, ҳатто дар қиссаи устуравии «Адам и Ева»-и русӣ ҳамон бобою модаркалони ҳамаи мо: – Одаму Момоҳаво фаҳмида мешавад. Собири Ҳаводӯст ба ин пешниҳод эрод гирифт, кафки даҳон парронд, ки «Адаму Ева» ба баҳси имрӯза хеҷ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

алоқамандӣ надорад, аммо Сафои Сиддиқ қиссаи «Одаму Момоҳаво» ва ронда шудани ҳар дуро аз биҳишт бо ишқваризие, ки доштанд, далели раднашаванда дар равшан кардани маънои луғавии калимаи «Одам» муҳим донист.

– Эъ, шумо, олими забоншинос шуда, шарм намедоред он рози маҳрамонаи модаркалону бобокалонамонро ин ҷо бемавқеъ, яъне далелу бурҳон пешниҳод мекунед, – якбора шурид Собири Ҳаводӯст.

– Фикр мекунам, ки зарур асту ба баҳси мо мӯрчаяк барин далел бемавқеъ нест, – риши каме дамидаашро хориш дод Сафои Сиддиқ.

– Шумо аз мавзӯъ фарсаххо дур рафтетон, ҷанобон, – бо фандак сигорашро оташ дод Ҷалили Муштоқӣ ва дуди сигорро ба ҳаво пуф карду ба ду нафар, ки баҳсро ба ҷанҷол кашиданӣ шуданд, маънидорона нигаристу илова кард:

– Биёед, аввал калимаи «Одам»-ро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор диҳем, ҷанобон, ки он исм аст ё сифат. Ба фикри бандаи камтарин, он исм аст ва исми ҷондору ҳатто ба саволи кӣ? ҷавоб мешавад. Акнун мақсад, фаҳмою равшан шуд. Онро ба таркиб ҷудо мекунем, ки ин калима исми чандтаркиба аст.

– Э-э, шумо, Ҷалили Муштоқӣ, моро талабаи мактаб гумон кардед-чӣ? – қаламу қоғазро аз ҷувздони варамидааш брун овард Сафои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сиддиқ, – ба мо шарҳи луғавии вожаи «Одам» зарур аст, на чизи дигар!

– Таркиби калимаро надониста, ба маънои он чӣ тавр сарфаҳм рафтан мумкин, домулло? – каме оташин шуд Ҷалили Муштоқӣ, – ин калима аз ду таркиб «о» ва «дам» иборат аст.

– Бори аввал мешунавам, ки як ҳарф ҳам таркиби калима мешудааст, – хандаи баланд сар дод Собири Ҳаводӯст.

– Мешавад, мешавад, шумо мантиқро хонда бошед ҳам, онро дуруст ҳазм накардаед, – Ҷалили Муштоқӣ саросема болои қоғаз чизе навишт: – ҳарфи «о» нидо асту мо бештари вақт «оҳ!» мегӯем. Ҳамин «оҳ» нафаскашӣ ва ҳаво аст. «Дам»-ро акнун худатон ёфта гиретон!

– Дуруст, дуруст, – Сафои Сиддиқ бо ишораи тасдиқ ба китфи Ҷалили Муштоқӣ тап-тап зад ва пешниҳоди ӯро қувват дод, – «дам» истироҳат, маишат, нафаси беғам задан будагист.

– Хуб ёфтед-а, – Собири Ҳаводӯст боз қоҳқоҳ хандиду ба Сафои Сиддиқ, ки дар нӯги биниаш се-чор дона арақ пайдо шуда буд, чашм ало кард, – ин ҷо «дам» ҳавохӯрию истироҳати шумо мефаҳмидагӣ не, домулло, балки худи о-да-мм аст! Як ангушти тафаккур газеду мағзатонро кор фармоед!

– Биёед, баҳсро ба ҷанҷол табдил надиҳем, ҳамин калимаи «Одам» худаш кирои баҳс ҳам намекунад, – бо маҷаллаи наве, ки дар даст



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дошт, худро шамол дод Ҷалили Муштоқӣ, – ин калимаро маҷақу пачақ ҳам накунем, «Одам», яъне бо ҳарфи калон «Одам» фаҳмида мешавад, на чизи дигар.

– Шумо, ки олими усулӣ нестед, луқма мепартоеду баъд моро мазоқ карда мешинед, – эрод гирифт Сафои Сиддиқ ба Ҷалили Муштоқӣ, – се чиз бе баҳс бақо надорад, якеаш ҳамин илм аст, дониста гиред. Баҳс, ки илмӣ шуд, бояд хулосаи илмӣ бароварда шавад.

– Ман баҳсро ҷамъбаст мекунам ва хулосаи илмиашро, агар хоҳед, пагоҳ ё фардо дар ягон маҷалла чоп карданам ҳам мумкин, – гардани борики лоғарашро молиш дод дод Ҷалили Муштоқӣ.

Хулосаатонро илман пешниҳод кунед, бо суханони ҳавоӣ не-да, – якбора симои ҷиддӣ гирифт Собири Ҳаводӯст.

Хулосааш ҳамин, ки «о» ҳавою «дам» худи колбади ҳазрати Одам, – дасти росташро боло бардошт Ҷалили Муштоқӣ, – исбот; як дақиқа биниатонро маҳкам дошта истед, ҷисматон, ҷонобон, дар патар-путур медарояд, боз чӣ гуфтан мумкин?

Ба хулосаи илмии Ҷалили Муштоқӣ ду нафар: Собири Ҳаводӯст ва Сафои Сиддиқ норозиёна калла ҷунбонда, ҳатто ба якдигар чашмак ҳам заданд. Дар ҳоле ки аз нигоҳҳояшон савол мерехт, онҳо идомаи баҳсро ба рӯзи дигар гузоштанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# Д А Л Л О Л

Шастсолагии профессор Зафарзода наздик меомад. Дар «шӯрои машваратӣ»-и хона тасмим чунин шуд, ки барои зиёфат аз молбозор як гӯсфанду як буз харидорӣ мекунанд.

– Падаратон ҳар рӯз шастсола намешаванд, – ба чеҳраи фарзандон, ки аз шунидани молбозор ташвишу ҳайрат гиреҳ хӯрда буд, диққат дод Фотимахон, – гӯсфанд барои кабобу буз барои парҳезиҳо.

– Гӯшти гов харем чӣ, оча, – пешниҳод карданд фарзандону писари калонӣ-Қудрат илова кард: – Шахсан, ман дар умрам молбо-





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зорро надидаам, мегӯянд, ки он ҷо ҳамааш фанду фиреб аст.

– Падари шумо аз профессор Луқмонзода чӣ камӣ доранд? – якбора оташин шуд Фотимахон, – вай дар шастсолагиаш ду гӯсфанду ду бузи сирка кушт, ҳамаи ёру ошноҳояш то шикамсерӣ гӯштхӯрӣ карданд. Мо ҳам бенасиб намондем…

– Модаратон дуруст мегӯянд, – ба фарзандон бо меҳрубонӣ рӯ овард профессор Зафарзода , – ман ҳар рӯз шастсола намешавам-ку? – Шукр, ки зиёфати даҳҳо шастсолаҳоро хӯрдему нӯшидем ва як зиёфати чор кас медидагӣ бар дӯшамон қарз аст.

– Шумоён, ки ғайрати ба молбозор рафтанро надошта бошед, – ранҷидаю таънаомез суханашро идома дод Фотимахон, – ман ягон нафар боғайратрро илтимос мекунам.

– Сабр кунед, очеш, дуямон меравем, – мӯйи мошубиринҷашро бо ангуштон шона зад Зафарзода, – бачаҳоро чӣ дар ташвиш мононем, инҳо дар шаҳр калон шудагӣ, молбозорро танҳо номашро шунидаанд.

Профессор Зафарзода бо шиму костюми оҳарӣ ва завҷааш бо куртаи пари товӯс савори мошини «Мерседес» ба молбозор омаданд. Даллоле, ки дар сар телпаку мӯйлаби думи муш дошт, бо дидани онҳо чорқад шуда салом доду аз дасти Зафарзода маҳкам дошта, «хидмат», гӯён ба хушомад даромад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Хидмат ҳамин ки, мо бояд як гӯсфанду як бузи чор кас медидагӣ харем, – дасташро аз кафи шахшули даллол базӯр раҳо кард Зафарзода .

– Ин кори мо, шумо ташвиш накашед, муаллимҷону янгаҷон, – даллол боз аз дасти Зафарзода маҳкам қапиду ба дарвозаи бозор ишора кард.

– Сар диҳед дасти шавҳарамро, – дар қаҳр шуд Фотимахон, – мо гӯлу кӯдак нестем, ки ба мо роҳ нишон диҳӣ, шилқин.

– Янгаҷон, моро даллоли бозор мегӯянд, бе мо шумо аз ин ҷо ҳатто кайке харида наметавонед, – кафи дастонашро ба ҳам молиш дод даллол.

– Мурсд, шумо бо ин даллагиятон, – аз чанги молбозору бӯйи нохуши он чӣ гуфтанашро намедонист, Фотимахон.

– Худатонро ба даст гиред, азизам, – ба даллол чашмак зад Зафарзода, – ин кас далла не, даллоли бозор. Нархро ба замину ба осмон мезадагиҳо ҳаминҳоянд.

Даллол Зафарзодаю Фотимахонро дар дохили бозор давр гардонд. Бузу гӯсфанди зиёдеро нишон дод, яке аз дигаре фарбеҳтару дигаре аз яке лоғартар.

– Фарбеҳаш қимату лоғараш арзон, – аз шохи бузе маҳкам дошт даллол, – кадоме аз ин ҷониварон ба шумо маъқул?

– На фарбеҳи фарбеҳу на лоғари лоғар, –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

базӯр овоз баровард Фотимахон, ки аз бӯйи таккаҳои серпашм дилаш ба шӯридан даромада буд.

– Набошад савдо мекунем, муаллим, – боз дасти Зафарзодаро маҳкам қапид даллол.

– Не, янгаатон савдо мекунад, ман аз чунин муомилаҳо фарсаххо дур ҳастам, – бо рӯймолча арақи пешониашро пок кард Зафарзода .

Даллол бо як чолокӣ дасти мулоими Фотимахонро ба кафи дасти соҳиби мол гузошту « як сар гӯсфанду як сар буз – ду ҳазор сомонӣ, розӣ шавед, ҳар ду барака меёбед» гӯён, чанд боре ба болою поён такон дода, садо баланд кард.

– Намешавад, намешавад, ин нархи танҳо як сар буз аст, – дасташро аз зери дасти мулоими Фотимахон, ки онро аз боло дасти даллол фишор медод, базӯр раҳо кард соҳиби мол, – инсоф кунед, ман розӣ нестам!

– Моли хасхӯр ҳамин қадар нарх дорад, худи шумо инсоф кунед, – дасти соҳиби молро боз аз нав ба такондан даромад даллол, – розӣ шавед, розӣ шавед, баракаташ аз шумо, дигар ин хел харидори пулдор пайдо намешавад!

– Не, ман дунимҳазор мегӯям, – мехост дасташро якбора раҳо кунад соҳиби мол, вале раҳо карда наметавонист.

– Янга савдоро буред, савдоро буред, – даллол бо дасти чапаш кафи чапи Фотимахонро болои дасти худашу соҳиби мол пахш кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Шилқинӣ накунед, даллол, ба хотири ин янга, ки натарсидаю ғайрат карда ба молбозор омадаанд, ман розӣ, – соҳиби мол гӯё ки дар ҷанг таслим мешуда бошад, мисли мум якбора мулоим шуда монд.

Даллол дасту почаки бузу гӯсфандро баста, ба мошин бор карду ба Зафарзода рӯ овард: – муаллим, ҳаққи маро фаромӯш накунед.

Фотимахон ба сари ду чорво даҳ сомониро муносиб дониста, бесадо бист сомониро ба даллол дароз кард.

– Янга, шӯхӣ накунед, ҳаққи ман дусад сомонӣ аст, – ранҷид даллол.

– Ин ҷо даллагият намегузарад, бист сомонӣ ҳаққат мешавад! – пулро ба пеши пойи даллол партофт Фотимахон.

– Янга, аввалан ман далла не, даллоли бозор ҳастам, – ба хашм омад даллол, – аз шумо ҳаққи ҳалоли худамро талаб мекунам, соҳиби мол панҷсад сомониро бахшид, дусад сомониаш аз они ман аст.

– Хобатонро ба об гӯед, даллаи шилқини чиркин! – айнаки сиёҳро ба чашм гузошт, Фотимахон, – кар набудӣ, соҳиби мол панҷсад сомониро ба хотири ман гузашт. Бист сомониро гиру ба ҳафт пуштам раҳмат гӯй.

Дар бозгашт симои даллолу шилқинии вай аз пеши рӯйи Зафарзода дур намешуд. Дар куҷое хонда буд, ки агар одам назаркарда набошад, дар харбозор ҳам даллол намешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вале, зани меҳрубонаш Фотимахон дар молбозор даллолро бо як нӯл зад.

## ДАРВОЗА

**Қ**одир аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашту аввалин иқдоме, ки ба он даст зад, дарвозаи чӯбини ҳавлиро бе маслиҳати янга канда партофт. Занаш, холаи Зумрад, ҳарчанд зориву илтиҷо кард, ки «ин дарвоза аз худораҳматии падараш нишона мондаву кандакорӣ аст», ба марди якрав кора накард, вай бепарвоёна гуфт,ки: – «Ҳой занак, кори худата карда гард, ба ҳар ош нахӯд нашав!».

Кам не, ҳар ду сӣ сол боз зану шавҳар. Алам мекунад ба зане, ки бе иҷозати шавҳар то ҳол ҷойи хаси ҳавлиро иваз накардааст. Ҳа, холаи Зумрад оташин шуд, ранҷу заҳмати худораҳматии падар пеши рӯяш омад. Марди пир қариб як моҳ дар ҳавлии домодтӯра чӯбу чахсро чаппаю роста карда, барои ҳавличаи домод дарвозаи кори калон тарошид; ба ду сутуни он гул партофт, дарбачаашро аз чӯби чормағз тарошиду онро бо усули қадима зебу зинат дод.

– Арвоҳи падарамро озор додӣ, мардак, – ашки шашқаторашро бо остин пок кард, холаи Зумрад.

– Бисёр вақ-вақ кардӣ-а, занак! Ту, ҳафтафаҳм, намефаҳмӣ, ки ҳоло дарвозаҳои чӯбин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кайҳо аз муд баромадагӣ! – якбора оташин шуд Қодир, – дарвозаи оҳании чор кас медидагӣ мешинонаму вассалом, ман аз Исмати бузи бахили дарунсиёҳ чӣ камӣ дорам? Дар тӯю маъракаҳо бо даҳони пури нос маро изо дода «мо Русия нарафта бошем ҳам, дарвозаи маро дидед, хуб тамошо кардед?» гуфта, ҳамаро сӯзонда гаштааст.

– Додо, о, бо он пуле, ки дарвоза мешинонам, мегӯӣ, ба ман компютер мехаридӣ, чӣ мешуд? Соли гузашта ваъда ҳам карда будӣ-ку? – ба гиря даромад Солеҳаи синфи ҳафтум.

– Шаш-ҳафт моҳ барқ надоранду боз ман компютер мехаридам, – ба духтараш теғи нигоҳ кашид Қодир, – барқ, ки доимӣ шуд, ҳатман мехарам, духтарҷонам.

Барои интихоби дарвозаи ҳавлӣ Қодир ба чанд устохонаи ноҳия сар халонд, вале дарвозаҳоро писанд накард; аз они Исмати буз дигархелтар, нақшу нигораш ҳам аз дигар дарвозаҳо фарқ мекунад, гӯё ки нақшу нигори онро бо оби тилло зебу зинат дода бошанд…

Бо ин ният Қодир чанд рӯз майна об карду бо маслиҳати дӯсташ Сабур аз шаҳр дарвозае харида овард, ки нақшу нигори онро дигар дарвозаҳои сокинони деҳа надоштанд. Дарвозаро шинонд, аммо тӯли он аз девори ҳавлиаш ним метр баландтар. Бисёриҳо айб карданд, ки «обмӯрӣ аз боғ калон баромад».

Ҳоло Қодир аз дур бо ҳавас ба дарвозаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳавлиаш менигарад. Дарвоза ранги зарҳалӣ дорад, сару нӯги нақшу нигори ду табақи он чунон ба ҳам печида ба назар мерасад, ки гӯё онро рассоми мониқалам кашида бошад. Аммо ин кори рассом не, кафшергари навбаромад. Қандаша хӯрад бо ин ҳунараш. Кафшергар вақти пулгирӣ чӣ қадар худро таърифу ширин накард. Гуфт, ки ин дарвозаро барои фалон вазир сохта буд, аммо вай аз огоҳии боло тарсида, барои ҳавлиаш дарвозаи одӣ харид. Қодир мефахрад, ки дарвозаи вазири тарсуеро ба деҳа овард, он на танҳо хонаи вай, балки кӯчаро зеб медиҳад.

Чанд рӯз аст, ки Исмати буз ҳам аз кӯча мегузараду ба дарвозаи Қодир бо қираи чашм менигарад, носи даҳонашро сӯйи дарвоза пих карда, аз бахилӣ ҳатто Қодирро муборакбод намекунад. Қодир аз сӯрохии дарвоза ба роҳгузарҳо синча мекунад, мебинад, ки киҳо лаб бурма мекунанду киҳо калла меҷунбонанд. Ҳамааш фаҳмо, бахилӣ ҳамин қадар мешавад. Дар қадим одамон чӣ қадар хайрхоҳ буданд, агар касе коҳгили деворашро нав мекард, ҳамсояҳо ба «ҳай, боракаллоҳ» меомаданд. Ҳоло чӣ? Қодир дарвозаи ҳаштсаддоллара шинондааст, касе ӯро табрик намекунад.

Баҳори пешомад Қодир боз ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанист. Ин дафъа, ки сиҳату саломат ва боз бо чанд ҳазор доллар баргашт, албатта, девори ҳавлӣ ва боми хонаашро боло



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бардошта, онро ба тарзи муди ҳозира – «ламбарда» мепӯшонад. «Осиёб бо навбаташ», гуфтаанд қадимиҳо. Боз капаи бахилон дуд мекунаду дуд. Ҳоли ҳамин Исмати бузи бахил чӣ мешуда бошад? Инро касе пешгӯӣ карда наметавонад.

## ДОЙРАХАБАР

**А**зизи маъракаоро ба тӯйи домодии деҳаи ҳамсоя чун ҳамешагӣ бе даъвату шиками гурусна, ба қавле дойрахабар омад.Дар ҳавлии начандон калон садои мусиқӣ ва бакабумбаки дойраю таблак осмонкаф, касе садои касеро шунида наметавонист. Онҳое, ки аз палави серравғану кабоб ва нуқлу шароб то гулӯ хӯр-





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даю нӯшида буданд, ба ишваю нози раққосаи хушхиром, ки дар бар либоси ҳарир дошт, боҳавас нигариста, яке лаб мегазиду дигаре боҳасрат калла меҷунбонд.

Дар сари дег Азиз худро меҳмон муаррифӣ намуда, шикам сер карду чанд қадаҳро ба гулӯ рехт. Ҳамин ки рагу пояш каме гарм шуд, дар ҳавои мусиқӣ, ки ба атроф танин андохта буд, бидуни ихтиёр китфҷунбону миёнҷунбон худро ба давра зад. Мисли хурӯсе, ки пеш аз ҷанг болу пар меафшонда бошад, дастони дарозашро болою пойин бурда, рақсиду якбора ба зону зада, раққосаро бо нағмаю ишора ба бағали фарохаш ишора намуд. Ҳаёҳую ғиреви тӯякиҳои бахурӯшомада садои овозхону мусиқиро пахш кард. Раққосаи маътали ишора ишвакунон сонияе болои зонуи ӯ нишасту бархост. Ин манзара ҳамаро ба ҷунбиш овард.

– Кинои ҳиндӣ шуд-ку, чӣ қадар нағз!

– Қандаша хӯрад, ҳунарманд ҳамин қадар мешудагист!

– Ин ҷавон раққоси ҳиндӣ, Ҷимиро ҳам ба як нӯл зад. Офарин ба акаи тӯйдор, – садо баланд карданд тӯякиҳо.

– Аз давра баоред ин дойрахабари шилқинро, бечора раққосаро дар хиҷолат мононд, мо раққоси мард даъват накарда будемку! – соҳиби тӯй ба ду-се ҷавони нозири маърака чунин амр кард.

– Айб мешавад, раис, – даҳонашро ба гӯши



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

соҳиби тӯй наздик овард ҷавони ҳузарб, ки вай ҳам мафтуни рақсу тамошо шуда буд.

Мусиқӣ авҷ мегирифту овозхон ҷигарӣ мехонд. Азиз, ки чанд қадаҳи ҳавоии дигарро нӯши ҷон карда буд, аз раққоса дур намешуд. Дар атрофи ӯ мисли парвона чарх мезад, ҳатто аз камари ӯ дошта, вайро ба кунҷу канори давра мекашид. Овозхон баланд-баланд мехонду аз ҳаракатҳои ғайритабии Азиз чашм намеканд. Аз чунин шилқинӣ шояд рашки овозхон омад, ки вай бо баландгӯяк ду-се бор «аз давра берун кунед, ин мастро» гӯён, ба соҳиби тӯй ишора кард.

Мавҷи баланди хандаи тӯякиҳо садои овозхону мусиқиро пахш кард. Азизи дойрахабар як калавида, бе мусиқӣ боз каме рақсиду гӯё ки ҳеҷ воқеае рух надода бошад, якбора аз гиребони овозхон маҳкам дошт.

– Кӣ маст? – гуфту торсакие ба рӯйи овозхон зада, ба раққоса ишора кард: – вай аз они ман мешавад, фаҳмидӣ, номард.

Баландгӯяк аз дасти овозхон парида рафт. Чор нафар нозири ҳузарб Азизи дойрхабарро кашолакунон аз давра берун карданд. Кайфи овозхон парида буд, бари рӯяш оташ гирифта, гӯши росташ ғуввос мезад. Намедонист чӣ кор кунад, гоҳе ба мардум менигаристу гоҳе ба раққоса. Садри маърака барои дур сохтани хиҷолати овозхон як латифаи намакин гуфту боз садои мусиқӣ дар тӯйхона танин андохт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Овозхон хеле бо алам ин байтро замзама намуд:

Хиҷолати мо аз берӯйии ёр нест,
Агёр беру асту гила аз ёр нест.

## МАСЛИҲАТ

**Гӯр** сари ҳамин бознишастагӣ. Аз бозе ки ҳамкорону шогирдон бандаро ботантана ба истироҳати пирӣ гусел карданд, кам не, ним сол турнақатор гузашт. Бовар кунед, ин ним сол бароям сад сол намуд. Моҳи аввал, фикр кардам, ки дар рухсатии меҳнатӣ ҳастам. Моҳи дуюм, чун одат, субҳи солеҳон бархоста саро-





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сема риш мегирифтам, либоси тоза бар бар намуда, галстуки гулдорамро баста, даст ба ҷузвдон мебурдам, ки садои форами ҳамсарам, ки панҷ сол боз мисли ман бознишаста аст, дар фазои хона танин меандохт:

– Ба куҷо? Шумо бознишаста, дигар ба касе лозим нестед, ҷойи шумо болои дивану тамошои телевизор!

Гапаш рост. Ман барин мӯйсафедон дигар ба кӣ дозим? Сахт аламам мекунад, ман ҳеҷ гоҳ хонанишин набудам; пагоҳӣ аз хона мебаромадаму нисфишабӣ бармегаштам. Ҳоло чӣ? Барои он ки дигар пичинги ҳамсарамро нашунавам, паҳлуи соати зангдор, болои коғазе бо ранги сурх «Ту, Субҳон, бознишастайӣ!» навиштам. Ҳамиин ки бо садои занг бедор мешавам, навиштаҷот маро ҳушдору тасалло мебахшад, даруни ҷогаҳи гарм ба фикр ғӯта мезанам. Ба ин минвол моҳи чорум ҳам сипарӣ шуд, пули нафақа кам, қошу қавоқи хамасарам овезон. Бояд коре ёбам. Хубу ганда олимам, чор – панҷ кас ба мани профессор салом медиҳанд. Даҳҳо шогирд дорам. Бо ин андешаҳо хостам бо ҳамсарам маслиҳат намоям.

– Олимон то фартут шуданашон кор мекунанд, шумо, ки даркор набудед, кафшатро то ҳафтодсола нашудан пеш гузоштанд, – бори аввал дар зиндагии тӯлониамон таъна зад ҳамсарам. – Акнун ба ҳамин тарию хушкӣ қаноат карда гард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Не, бояд коре ёбам, – араки сари тосамро бо рӯймолча пок намудм.

– Ба ҳеҷ кас гардан каҷ накунед, айб аст, – китоби ғафси муқовааш ҷилодорро ба сӯям ҳаво дод ҳамсарам, – китобхонӣ кунед, беҳтар.

– Ин хел зиндагӣ кардан мумкин не, азизам, яхдон холӣ, пули нафақа намерасад-ку? – худро дилсӯз нишон додам.

– Пагоҳ, ҳамин даҳ қолини тухфаи шогирдонатро ба бозори қолин баред, пули тайёр, – бо як меҳрубонии аҷиб кафи дасти нармакакашро болои сари тосам гузошт ҳамсарам. – Парво накунед, Худо подшоҳ аст, поорофессор!

– Ман савдогар набудам, чӣ хел қолин мефурӯшам, азизам?

– Мисли дигарон, ҳеҷ ҷойи айбу пайб нест, – кафи дасти гармашро аз сарам намегирифт ҳамсарам, – ҳоло ҳама савдогар, қимат нею арзон фурӯш, миёнатон дард накардааст-ку?

Бо маслиҳати ҳамсари меҳрубонам ду рӯз баъд баъди фикрҳои дарҳаму барҳам ду қолинро ба бозори қолинфурӯшон бурдам. Дар назди яке аз дӯконҳо нафас рост карда, мунтазри харидорон шудам. Касе пурсон намешуд ва ҳама аз қолинҳои овезону парешони дӯконҳо мехариданд. Тоқатам тоқ шуду аз ҷавони қоқинаи қолинфурӯше, ки аз ман чашм намеканд, кумак хостам. Вай маътали ишора буд, ки қолинҳоро саросемавор аз назар гузаронду якеро паҳн карда, ба ман рӯ оварда гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Худатонро азоб надиҳед, амакӣ, қолинҳои шумо аз муд баромадагӣ, ин қолинҳо дар бозор харидор надоранд.

– Наход? – тааҷҷуб кардам ман, – инҳоро аз ҳамин бозор харида буданд-ку.

– Инҳо чор-панҷ сол пеш нархи хуб доштанд, ҳоло касмахар не, – бепарвоёна гуфт ҷавони қолинфурӯш

– Касмахар бошад набошад ҳам, ба ман пул даркор, уко, – ба пул зор буданамро иншон додам.

Дарк кардам, ки ҷавони қолинфурӯш қаллоб асту мехоҳад қолинҳои маро арзон харида қимат фурӯшад. Ба ҷавон кашфиётамро, ки «Ту қаллобӣ» нагуфтам. Вай лаҳзае ғайб зад, баъди чанде бо ду ҷавони дигар ба наздам омаданд. Ҷавононро щинохтам: ҳар ду аспирант – олимони ояндаи донишгоҳе, ки ман он ҷо панҷоҳ сол кор кардаам. Онҳо нархи сабзию пиёзро напурсида, ба кафи дасти мани музтару ҳайрон сесад сомониро қапонданду қолинҳоро ба аробачае бор карда, аз назар ғоиб шуданд.

– Дидӣ, амакӣ, коратон омад кард, набошад қолинҳоро гашта ба хонаатон мебурдед, – бо тамасхур ба сӯям нимнигоҳе партофт ҷавони қолинфурӯш.

– Ту онҳоро мешиносӣ? – бо суол пурсидам аз ӯ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ҳа, се сол аст, ки онҳо аз ман қолин мехаранд, – бепарвоёна посух дод ҷавон

– Тиҷорат доранд ё барои ягон кори хайру савобе, – худро гӯл нишон додам.

– Тиҷорати чӣ,амакӣ, дар донишгоҳашон боз ду нафарро ба нафақа гусел мекунанд, – ришханде кард мусоҳибам, – аз қолинҳои шумо дусад сомонӣ фоида карданд.

Ба хона дертар омадам. Раҳорах фикр мекардам, ки наход ду қолин сесад сомонӣ нарх дошта бошад? Пагоҳ ё рӯзи дигар агар боз ду қолинро ба бозор барам, фиреб нахоҳам хӯрд. Кӯр як бор ба чоҳ меафтад . Ҳоло намедонам, ки ҳамсарам аз ин муомила дар сарам чормағз мешиканад ё не? Ба ҳар ҳол, ин маслиҳати худи вай буд.

## СИЁҲПИР

**Фозил**, бо вуҷуде, ки синнаш аз шаст болост, марди зебосурату чор кас медидагӣ барин менамояд. Муйи ғулиаш ҳанӯз сип-сиёҳ, ягон тори сафедӣ надорад, мӯйлаби наълмонандаш, ки аз овони ҷавонӣ то ҳол лабҳои сергӯшти ғафсашро зеб медиҳад, аз сиёҳӣ барқ мезанад. Инро дида, баъзеҳо мегӯянд, ки Фозил «сиёҳпир асту ҳеҷ пирӣ надорад». Мардум ҳарчи гӯянд нагӯянд ҳам, синну сол дар пешонии Фозил тӯри ожангро чунон наққошӣ кардааст, ки аз шаш ҷӯяи амудии он, ба қавли



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Умари мӯлчардон, ки кафшиносу чеҳрашинос ҳам аст, шаст соли умри сипарикардаи Фозилро хондан мумкин. Онҳое, ки мисли Умар ҳисоби мӯлчарро намедонанд, баъзан сари мӯйи мисли ангишт сип-сиёҳи Фозил баҳс карда, мегӯянд, ки умри ӯ аз чил боло нест.

Боре Саиду Карим, ки ҳамдеҳаи Фозиланду зиндагӣ аллакай ба сарашон барфи пириро резондааст, дар ғайбаш ӯро хеле сиёҳу сафед карда, ба хулосае омаданд, ки Фозил сиёҳпир несту муйсару муйлабашро ҳар ҳафта ранг карда меистад.

– Ҳоло ин муд шудагӣ, ако, ранг карда гардад, ба мо чӣ? – бепарвоёна гуфт Саид.

– Гапат дуруст, лекин занам ба ман таънаи обдор мезанад, – оҳи сарде кашид Карим, – вай бо ҳавас мегӯяд, ки қандаша занад Фозил, ҳамаи мардҳои деҳа пир шуданду вай ҷавон мондааст, мӯйи сараш ранги зоғ барин, духтараркони ҷавон ҳам ҳаваси ӯро мехӯранд. .



– Фикр доред, ки вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мӯяшро ранг карда меистад? – аз шунидани ин суханон ба худ симои ҷиддӣ гирифт Карим.

– Албатта, ранг мекунад, мӯйи одамӣ ин хел сип-сиёҳ, зоғ барин намешавад! – суханашро идома дод Сайид.

– На гапи тую на аз ман, – боз ҳам ҷиддӣ шуд Карим, – ин сирро аз занаш пурсем-чӣ?

– Яке зани баддаҳони вай гӯяд, ки «шумо бекорхӯҷаҳо ба муйсару мӯйлаби шавҳари ман чӣ кор доред?», чӣ ҷавоб медиҳем? – норозиёна калла ҷунбонд Саид.

– Гӯяд, гуфтан гирад, моро латукӯб намекардагист, ки аз вай тарсем, – истодагарӣ кард Карим.

– Умарро ҳам ҳамроҳ гирем-чӣ? Янгаамон, Гулдастахон, бо дидани Умар ҳатман фикр мекунад, ки мо сари мӯлчари Фозил баҳс дорем, – баъди хомӯшие пешниҳод кард Саид.

Холаи Гулдаста хурсанд шуд, ки дӯстони шавҳараш дар набудани Фозил, ки моҳҳо дар шаҳр дукондорӣ мекунад, ба аҳволпурсии ӯ омадаанд. Аммо, вақте ки чунин суолро аз забони мардони кунҷков шунид, аввал хуб заҳрхандае карду баъд бо садои баланд гуфт, ки «шумоён мардед ё зан, ки ба ранги мӯйи одамон часпида гирифтед, Фозили ман пирӣ надорад, то сад сол ҳамин тавр ҷавонакак мемонад, изо кашед, сарсафедони фартут!».

Ба ростӣ, ҳар се аз ин суханони таҳқиромез хуб изо кашида, шарманда шуданд. Холаи



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гулдаста, ки ранги мӯяш бист сол боз хурмоӣ аст, ин гапро дар деҳа тез овоза кард. Чанд ҳафта дар даҳони хурду калон ҳамин гап-баҳси ранги мӯйи Фозил буд. Фозил ҳам ҳамон рӯз аз ташрифи Умару Саиду Карим ба хонааш тавассути занги хонумаш огоҳӣ ёфт. Ба занаш чӣ гуфт, инро танҳо холаи Гулдаста медонад.

Аз байн як соли расо гузашт. Дар деҳа овоза шуд, ки Фозилро баъди беморӣ ва ҷарроҳии вазнин ба хонааш овардаанд.Ҷӯраҳо суханони таҳқиромези холаи Гулдастаро фаромӯш карданду бо қарсу қурс ба аёдати Фозил шитофтанд. Аввалин чизе, ки ба назари онҳо расид, мӯйи сару мӯйлаби Фозил буд. Аз мӯйи ғулии сип-сиёҳ ва мӯйлаби наълмонандаш осоре намонда. Мӯйи қайчизадааш барф барину мӯйлабу риши расидааш сап-сафед. Умари мӯлчардон, ки худро ғамгин вонамуд мекард, аз муллои деҳ, ки сари болини Фозил сукут дошт, бо садои паст соли таваллуди Фозилро ба ҳисоби мӯлчар пурсон шуд.

– Солаш мор аст,балам, – чашмашро нимроғ карда посух дод мулло.

Дар бозгашт Умар мӯлчаргардон карду «Фозил шастсола будааст», гуфт. Дӯстон табассумкунон ба якдигар маънидорона нигаристанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# НАВИСАНДА

Маъбурхон Кабирхони солаш ба чойе расида, аз бозе ки сиёҳу сафедро фарқ мекунад, ошиқи китоб аст, аммо дар умри мубораки хеш ёд надорад, ки китоберо пурра хонда бошад. Ба даст гирад ҳам, хоби набуда чашмонашро пардавор мепӯшонд. Бо чашм боз кардан китобро як варақгардон мекарду болои миз ҳаво медод. Ҳоло ҳам ҳамин хел аст. Се ҷевони хонааш пури китоб, аксари китобҳо камёфту нодир, ҳатто дар мағозаҳои китобфурӯшӣ ба назар намерасанд. Бештари онҳо туҳфа буда, дар сӣ-чил соли охир саҳифаҳои онҳоро касе шамол надодааст. Онҳое, ки Маъбурхони Ка-






барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бирхонро бо шуғли китобдӯстиаш мешиносанд, дар ҷамъомадҳо ҳадс мезананд, ки суханпардозиҳои ӯ, агарчи бемантиқ ҳам бошад, аз баракати ҳамин китобҳоянд.

Вай чун сардори як идораи бонуфуз одате дошт: дар ҳар маҷлису ҷамъомад – хоҳ истеҳсолӣ бошад ё муқаррарӣ ӯ худро донишманду ҳамадон мегирифт ва кӯшиши мекард, ки симои файласуфонаю орифона дошта бошад. Баъзан, лозиму нолозим, чунон суханони ҳавоӣ ва дурӯғеро бофта мебаровард, ки ҳама аз шунидани он ангушти ҳайрат мегазиданд. Агар касе шубҳа мекарду ба пасу пеш ишора ҳам менамуд, Маъбурхони Кабирхон далели иловагӣ меовард, ки ин ҳикматро фалон бузургвор дар фалон китобу дар фалон аср гуфта. Баъде ки нишастагон дурӯғҳои сардорро бо каме каллаҷунбонӣ тасдиқ мекарданду толори маҷлисро оромӣ фаро мегирифт, вай лабони ғафси каме ба пеш баромадаашро макидаю лесида мегуфт: – «Ман беҳуда тамоми умр китоб ҷамъ накардаам».

Боре Маъбурхони Кабирхон мавлудашро дар хона қайд кард. Зиёфати шоҳона оросту панҷ-шаш нафар зердастони қадрдон то гулӯ хӯрданду нӯшиданд. Яке аз онҳо, ки хушомадгӯю доимо даст пеш бар буд, қадаҳ дар даст аз китобҳои ҷевони сардор чашм наканда, тамаллуқкорона чунин пешниҳод кард:

– Муҳтарам сардор, ман шахсан, орзу до-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рам, ки соли оянда китоби ҷанобашон бо номи «Суханони ҳакимонаи Маъбурхони Кабирхон» аз чоп бароядy ҳамин ҷевонро зебу фар бахшад. Ҷанобашон ба ин чӣ мегӯянд?

– Мо ҳам, ҷаноби сардор, ҳамин орзуро солҳо дар қалб парварида истодаем, ки кай сарвари файласуфи мо бо ин донишмандӣ ва фарҳанги баланд аз домони нависандагӣ сахт дошта мегиранд, – аз ҷой бархоста бо таъзим ҷониби сардор гардан каҷ кард дигаре, – бовар кунед, номи мубораки шумо дар даҳону забони ҳама чунон нишастааст, ки бо шунидани исми Маъбурхони Кабирхон китобҳои нодири ҷевонатон пеши рӯй ба ҷилва меояд.

– Вақташ ҳам расидааст, муҳтарам сардор, шумо бояд аз рӯзгори саодатмандатон, ки беш аз чил соли он дар кори роҳбарӣ сипарӣ мешавад, як китоби кори калон иншо кунед ва номи пурифтихори нависандагиро гиред, – бо дасти ларзон қадаҳашро бо қадаҳи Маъбурхони Кабирхон ҷанг андохт сеюмӣ.

– Шумоён агар инро хоҳетон, чаро не, менависонам, – ба тобеони каме ширакайф бо қираи чашм нигарист мизбон, – нависандагӣ худаш дупула гап, як сиёҳу сафед мекунед, мешавад як китоби олиҷаноб.

Зердастон барои шерак кардани Маъбурхони Кабирхон, ки нависанда мешавад, қадаҳ бардоштанду суханони зиёду тумтароқро ба забон оварданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз он рӯз баъд Маъбурхони Кабирхон дар пайи нависандагӣ шуд. Бо азми росих дар идораю дар хона аввал машқи хатту имло кард, ҳеҷ не ки дасташ ба навиштан одат кунад. Наберааш Камол ба вай эрод гирифт, ки бобояш мисли синфи як ҳарфҳоро болою поин менависад, ҳамсараш холаи Марворид, ки дукондори обрӯманди бозори шаҳр аст, аз эроди набера аламаш омада, маслиҳат дод, ки шавҳараш навиштанро дар компютер ёд гираду одат кунад. Ба қавли холаи Марворид, дар компютер баёни фикр оличаноб, имлои онро Камоли синфи ҳаштум ислоҳ мекунад. Аммо дӯсти дерина – нависандаи солхӯрдаю соҳиби чанд румон, ки намкхӯрдаи хони Маъбурхони Кабирхон аст, маслиҳат дод, ки агар вай нависанда шудан хоҳад, қаламу қоғазро аз даст надиҳад, ба компютер эътимод нест, бо ногаҳон хомӯш шудани барқ садҳо саҳифа парида, меҳнати чандинсола сӯхтаю барабас меравад.

Моҳи сеюм аст, ки Маъбурхони Кабирхон, гуфтагӣ барин, дар дуроҳа қарор дорад; барои нависанда шудан қоғазу қаламро ихтиёр кунад ё компютерро? Шабҳо бо фикри нависанда шудан сар ба болин монда, бо маслиҳати дӯсти нависандааш, ки гоҳ-гоҳ суҳбати сариродҳиашон қаймоқӣ аст, номи асари оянда ва қаҳрамонони онро интихоб мекунанд. Асари калон нависад ё хурд, намедонад. Боз ҳамон нависандаи дӯсташ маслиҳат дод, ки нависандагиро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз лавҳаю ҳикояча сар кунад. Дасташ, ки рост шуд, якбора ба навиштани румон гузарад. Аммо Маъбурхони Кабирхон мехоҳад танҳо бо навиштани як асар машҳур шавад. Ин фикрро дӯсти нависандааш сари як пиёла чой дастгирӣ кард. Вай гуфт, ки мисли Даниел Дефо «Робинзон Крузо» барин асар нависад, вай омода аст, дастнависро хонда таҳрири оличаноб кунад, ба шарте ки ҳаққи заҳматашро дӯсташ Маъбурхон пешакӣ пардозад. Маъбурхони Кабирхон бо шунидани ин номҳо гаранг шуд, аз даҳони як-ду нафар номи Робин Гудро шунидааст, аммо номи Робинзон Крузоро бори аввал мешунавад. Аз нависандаи солхӯрда, ки пешакӣ ҳаққи заҳматаштро аз вай талаб дорад, кию чӣ кора будани ин номҳоро пурсад, шарм медораду алҳол истиҳола мекунад. Шояд вай Маъбурхонро изо ҳам диҳад, ки чаро вай Робинзон Крузоро аз Робин Гуд фарқ намекунад?

Бо ин фикрҳо ним сол ҳам сипарӣ шуд. Маъбурхони Кабирхон дар навиштан қаламу коғазро интихоб кард. Сад саҳифа коғази сафеди идора сиёҳу сафед шуда, дар бораи Гулпарию Раҳонпарӣ ном духтарони афсонавӣ, ки замоне аз забони модаркалонаш шунида буд, ба қавли худаш, румони оличанобе иншо кардааст. Наберáи кунчков Камол дар набудани бобо дастнависро ҳиҷҷа карду ба бибиаш, ки аз бехобии шавҳару нависанда шудани вай дар ташвиш монда буд, хабар расонд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки бобояш дар даврони ҷавонӣ ба Гулпарию Райҳонпарӣ ном духтарон ишқварзӣ доштааст. Рӯзи Маъбурхони Кабирхон якбора сиёҳу торик шуд. Зани бадрашк « Гулпарию Райҳонпарӣ кӣ будаанд?»-гӯёну таҳдидкунон, рӯзе нест, ки ба сари шавҳар чормағз нашиканад. Нависандаи пири ҳамсоя ба миён даромаду Гулпарию Райҳонпарӣ – қаҳрамонони румонро образҳои тахайюлӣ унвон карда бошад ҳам, бефоида. Холаи Марворид ба ин ҳарфҳо сарфаҳм намеравад ва донистан ҳам намехоҳад. Маъбурхони Кабирхон маҷбур шуд номҳои қаҳрамонони румонро бо маслиҳати дӯсти нависандааш ба Малоҳату Сабоҳат иваз кунад, аммо аз занаш рӯз надид. Ҳамсараш ду пойро дар як мӯза карда, амр дорад, ки шавҳараш ба қаҳрамонони асар номҳои мардона диҳад, набошад вай ба нависанда шудани шавҳараш зид, иҷозат намедиҳад.

Ин кори осон не, барои ин Маъбурхони Кабирхонро лозим меояд, ки румони нав нависад. Дӯсташ, нависандае, ки таҳрири румони «Гулпарию Райҳонпарӣ»-ро ба каме маблағ ба зимма гирифтааст, маслиҳат дод, ки ҳоло барои навиштани румони нав заминаи воқеӣ вуҷуд надорад. Маъбурхони Кабирхон дар андешаи он аст, ки румони «Гулпарию Райҳонпарӣ»-ро ба анҷом расонад ё аз баҳри нависандагӣ бароя. Агар нависанда нашавад, ҳамкоронаш чӣ фикр мекарда бошанд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ТӮМОР

Аз тӯйи арӯсии Чинигулу Аскар чил соли расо турнақатор гузашт. Дар ин муддат миқрози ҳаводис дар буридани риштаи меҳру муҳаббати онҳо кундӣ кард, ки ҳар ду мисли фаришта бо ҳам содиқ монданд. Чинигул аз модари худораҳматиаш миннатдор, вай ба Аскари ҷингиламӯйи рӯяш мисли занон сапсафед, имкон надод, ки ба зани дигаре чашм ало кунад; домодро бо ҳар баҳона оби «қайтарма» мехӯронд, коғазчаҳои сиёҳу зардро болои сараш дуд дода мегуфт, ки «домодҷони ширин, ба ҷавонмарди чор кас медидагӣ ҳама ҳасад мебаранд, пеши роҳашро баста, ҷодуяш мекунанд, ана ҳамин «қайтарма»-ю «дудӣ» сипари ҷону танат мешавад». Аммо Аскари олим ба ҳамаи ин бепарво буду ба «куф»-у «суф»-и хушдоман, умуман, бовар надошт ва худаш медонисту коғазу қаламаш.

Аз вафоти холаи Ҳанифа чанд соле мегузарад. Чинигул, ба қавли худаш, хазону пажмурда, ба абрувони бемӯяш қалам ҳам занад, ранг дар пӯсти ожангдор дер намепояд, бинии дарозаш теғадортар шуда, лабу даҳонаш аз бедандонӣ фурӯтар рафтааст. Аскар, тавре ки зебо буд, боқӣ монд, танҳо ба мӯйи ҷингилааш ранг задаю он аз сиёҳӣ чашмро мебарад. Ду соли охир ба Чинигули лоғару хазон камтаваҷҷуҳ шуда, ҳафтаҳо «ман бо шогирдон банд» – гӯён



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз донишгоҳ берун намеояд. Маълум, ки дар сар ҳавои дигаре мепарварад. Чинигул на мулло Қарчиро медонаду на каси дигарро, «оби қайтарма»-ю «дудӣ»-ро аз кӣ гирад? Васияти модари бемор, ки ҳанӯз каме қуввату дармон дошт: «ин чор тӯмори чорҷилдаро, ки «чашму забони Аскарро мебандад», то зинда аст, нигоҳ дор», дар гӯшаш ҳанӯз садо медиҳад.

– Мани сарсахт мурда монам, ҳоли ту чӣ мешавад, намедонам? – сар дар болин ба рӯйи қоқинаю бинии дарози духтараш нигариста, оҳи сард мекашид холаи Ҳанифа, – Аскар ҳатман зан мегирад, аз қафои ин хел мардҳои зебо занон қатор андар қатор.

– Домодатон, очаҷон, ба мардҳои мегуфтагиатон монанд не, як абрӯи маро ба нисфи ҷаҳон намедиҳад, – Чинигул бо ин ҳарфҳо модари беморро таскин диҳад ҳам, дар кунҷи дилаш оташи хавотир аланга мезад.

– Ҳоло ки чашму даҳонашро бастаам, боз мегӯӣ, ки вай танҳо ду абруи қаламии туро мебинаду халос, – сулфаи хушк карда, киноямез мегуфт холаи Ҳанифа, – мулло Қарчиву ман аз сар равем, мебинӣ, ин мусичаи бегуноҳ ба болоят ҳатман ду-се зани дигар мегирад. Доду фиғон ҳам кунӣ, саратро ба санг ҳам занӣ, ки ман он вақт зинда не, дар гӯри торикам.

– Ин хел нафас накунед, очаҷон, – аз нотобии модар ашк мерезонд Чинигул, – агар Ас-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

кар ба болои ман зан гирад, ман худамро меовезам, зинда оташ мезанам!

– Сафсата нагӯй, Чинигул, – бепарвоёна дасти мисли чӯб хушкашро базӯр такон медод модар, – дидам, аз ту дида занони чор кас медидагӣ ба дузанагии шавҳаронашон таслим шуданд, сари таъзим оварданд.

– Не, очаҷон, ман ба дузанагии шавҳарам тоқат намекунам, худам ё вайро мекушам, – нӯги бинии дарозашро бо ангушт қайчӣ карданӣ мешавад Чинигул, – мемираму асло розӣ намешавам!

– Бо собуни мардҳо ҳоло ҷома нашустаӣ, астағфуриллоҳ гӯй, – пичинг мезад холаи Ҳанифа, – ёд дорӣ, падарат ба болоям ду зан гирифт, кайфу сафо карда гашт, аммо ман он вақт аз қайтармаву дудӣ бехабар будам, то мулло Қарчиро ёфтам, ки падарат мурда рафт.

– Очаҷон,очаҷон, ман бе шумо чӣ кор мекардам-а? – гӯё ки дар паҳлуи шавҳараш зани дигареро медида бошад, фиғон мекард Чинигул.

– Гуфтама-ку, баъд аз сари ман, ту ба Аскар қайтарма хӯронда наметавонӣ, мумкин таъна занад, ки ин амали хурофотиро аз модарат мерос гирифтаӣ-чӣ? – сулфакунон ба духтараш чор тӯморро дароз кард, холаи Ҳанифа, – бо ин тӯморҳо чашмони Аскарро мебандӣ, ки зани зебои ҷавон дар назараш маймуну каркаданг тобад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Худакат, очаҷон, ба домодатон оби қайтарма меху̅рондию болои сараш қоғазчаю испанд дуд мекардӣ, магар бо ту̅мор чашмони Аскарро бастан мумкин? – чор ту̅мори дар риштаи сафед ҳамелро ба даст гирифт Чинигул.

– Э, вой, ихлос надорӣ, шақшақа, – бо тасбеҳи туҳфакардаи мулло Қарчӣ ба сари духтараш фурорвард холаи Ҳанифа.

– Ба кӣ ихлос кунам? Ба шаваҳарам мегу̅ӣ? – суоломезу ҳайрон ба модар менигарад Чинигул.

– Гуфтам-ку, ту бе ман чӣ кор мекардӣ-а?! – тасбеҳро аз қаҳр ба гардан овехт модар, – ба ту̅мор ихлос кун, ба шавҳар не, бо гуфтани бисмиллоҳ онҳоро дар чор гу̅шаи хонаат, ки қадамгоҳи шавҳарат аст, пинҳон карда мон.

– А, а, акнун фаҳ-ми-дам, оча-ҷон, – чеҳраи пурожанги модарро пақ-пақ мебу̅сад Чинигул.

Аз замоне ки холаи Ҳанифа дунёи фониро тарк гуфт, Аскар ба Чинигул беэътино аст, ҳарфи хубе намезанаду ҳатто меҳрубониҳои пештараро нисбати занаш фаромуш кардааст. Ҳоло ру̅зе нест, ки Чинигул бо ашки шашқатор ту̅морҳоро аз су̅рохиҳо берун наорад; ҳар чаҳор якхелаи сегу̅ша, ба назараш чор зани дигар намоён мешаванду гу̅ё онҳо Аскарро бағал кушода мебу̅санд, шавҳараш дар зери пироҳанҳои сафеди онҳо пинҳон мешавад, то Чинигул у̅ро набинад. Вай, хашмолуд, боз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«бисмиллоҳ» мегӯяду тӯморҳоро бӯсида, дар сӯрохиҳо пинҳон мекунад. Чаро таъсир надоранд? Ин зани хурофотӣ то ҳол ба ин суол ҷавобе пайдо накрадааст.

## ОДАМИ ХУДӢ

Муроди Ҳусейн, сардори нави идора, бо қошу қавоқ ба идора меояд. Як моҳ аст, ки тобеон сари калоба гум кардагӣ барин менамоянд. Чорқад шуда салом диҳанд ҳам, сардор базӯр калла ҷунбонда, баъзан ба гарданкаҷиҳои хушомадгӯён ним ишорае ҳам намекунад, гӯё, ки одамон пашша бошанд, ҳеҷ кас ба назараш наменамояд.

Онҳое, ки дар идора худро сутун медонанд ва сардори пештара бо карнаи онҳо ракс мекард, барои маслиҳат дар кабобхонае ҷамъ омаданд.

– Чӣ кор кунем, ки ин фуксих ба мо ром шавад? – аз лаззати кабоб даҳон маза дод Маҷидзода, ки баъзан дар набудани сардори пештара муҳри идораро соҳибӣ мекард.

– Як зиёфатча сараша хӯрад, чӣ бисёр сиркаи бӯйгин, – лундаи кабобро бо дандонҳои сунъӣ базӯр-базӯр мехойид Воситбой-муҳосиби бесобиқаи идора.

– Фаромӯш кардед-чӣ? О, вай, дар рӯзи аввал бо садои баланд гуфт, ки «маёфкаю зиёфат-пиёфат нашавад, чунин фикр мекардагиҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аризаашонро нависанд», – сихи кабобро бо чолокӣ бардошт Лочинпаҳлавон, ки ҳанӯз дар идора аз се вазифа маош мегирад.

– Ин не, вай не, дониста монед, ки бо ин бегонагӣ ва дур будан аз сардор, худи мо дер намепоем, – Маҷидзода ин суханонро ба забон оварду аз зиққӣ бошад, ки якбора сигарет дуд дод.

– Дар дунё кори буд намешудагӣ вуҷуд надорад, – файласуфона гап партофт Воситбой, – сад – дусад долларӣ ҷамъ карда, як нафарамон бо ду дасти адаб болои мизаш мегузорад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «пора санги хороро об кардааст».

– Вай ба порахӯр монанд не, мегӯянд, ки дар шаҳр панҷ дӯкон дорад, – оҳи сарде кашид Лочинпаҳлавон.

– Наход роҳи дигаре вуҷуд надошта бошад? – чойи гармро ҳурт кашид Маҷидзода, – донистан даркор, ки шуғли дӯстдоштаи вай чӣ аст.

– Шуғли вай роҳбарӣ, осмонро бо бини тарошидан, фармонфармоӣ, боз чӣ мешудааст? – ҳайратзада шуд Воситзода.

– Шумо ҳафтафаҳм будаед-ку ако, – аз ханда базӯр худдорӣ кард Лочинпаҳлавон, – мумкин моҳидориро дӯст медорад, футболбозӣ карданаш мумкин ва ё шоҳмотбози ашаддӣ аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ана ёфтед, ёфтед, вай шоҳмотбоз аст! Ман инро бо чашми худам дидам, – қариб аз ҷояш боло шуд Воситзода.

– Рост мегӯӣ? Бо чашми худат дидӣ? Вай бо кӣ шоҳмот мебозад? – манаҳашро беихтиёр ба хоридан даромад Маҷидзода.

– Ҳар рӯз ба наздаш як профессорсурати айнаки сиёҳдор меояд, панҷ-шаш соат корашон шоҳмотбозӣ, – кафки даҳон парронд Воситзода, – бозиашон, ба фикрам, пулакӣ аст. Дирӯз дидам, ки Мурод Ҳусейн болои тахтаи шоҳмот сад сомонӣ партофту вай профессорсурат, ки бозиро бурда буд «биисмиллоҳ» – гӯён пулро ба киса зад.

– Ҳа, онағаре, касал доштаасту мо майна об карда гаштаем, ки чӣ хел вайро одами худӣ гардонем, – ба китфи Воситзода тап-тап зад монд, Маҷидзода, – шуд, пагоҳ, ки барои гирифтани имзо ба наздаш даромадӣ, ҳамин ки вай ба такурӯ кардани коғазҳо сар кард, нотарсона гӯй, ки «Маҷидзодаи идора бо меҳмон як партия шоҳмот заданист». Он тарафаш кори ман.

– Не, ман метарсам, ин корро карда наметавонам, – даст бардошт Воситзода.

– Буздилӣ накунед, ако! Як бор симои мардӣ гиред, – каме шӯрид Лочинпаҳлавон, – шуморо аз кор ронданӣ шуд, мо коллективро зидаш мешӯронем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Бо пешниҳоди Воситзода Мурод Ҳусейн ранҷидаю дилу бедилон ба бозии Маҷидзода розӣ шуд. Профессорсурати мағрур пеш аз бозӣ даҳокалонӣ карда гуфт, ки вай бе пул донаи шоҳмотро аз ҷояш ҷунбонданӣ нест ва бо карру фар аз кисааш дусад сомониро бароварда, намоишкорона болои тахтаи шоҳмот гузошт. Маҷидзода, ки шоҳмотбози номӣ аст, сад долларро болои дусад сомонӣ ҳаво дод. Ранги профессорсурат якбора тағйир ёфт, як ба дӯсташ Мурод Ҳусейн маънидорона нигаристу бо дасти ларзон даст ба донаи шоҳмот бурд. Бозӣ як соат тӯл кашид. Профессорсурат бохтро ҳис кард, ки барои дуранг даст дароз намуд. Маҷидзодаи сару рӯяш арақшор, ки баъди ду гашт пирӯз мешуд, дасти рақибро ақиб тела дод. Мурод Ҳусейн, ки мисли довар бозиро назора менамуд, бо «Шоҳ-мот!» гуфтани Маҷидзода кӯдаквор қарсак заду ӯро сахт ба оғӯш гирифт. Маҷидзода аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид ва Мурод Ҳусейнро аз оғӯшаш сар намедод, чунон хурсанд буд, ки сардори нав акнун одами худӣ шуд.

Профессорсурати рангу рӯяш лаблабугашта айнаки тирарангашро болои миз гузошту барои сесад сомонии дигар ҷайбашро такурӯ мекард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БАДРАШК

**Ш**ермат бо ҳамсари қадрдонакаш – холаи Диломром, чил сол боз ҳамболинанд. Ба қавли маъруф, ширинию талхии ҳаётро бо ҳам мечашанд. Аз ин ҳамдӯшӣ, ҳар ду то ҷойе шукр мегӯянд. Охир, соҳиби панҷ фарзанданд: ду писару се духтар. Шермат бо ишқу ошиқӣ зан гирифт; ду сол, ба қавли худаш,чун Маҷнун аз пайи Дилороми чилга-замӯй ҳай давиду давид. Дилором, духтари зебои деҳа, мӯйи сиёҳи зуғолмо-нандаш то ба замин мерасиду ӯро ҳама боҳавас «Робиаи чилгазамӯй» мегуфтанд. Ҳоло ҳам ки холаи Дилором зани абрӯкамони зебою дилкаш боқӣ мондааст,



даврони ҷавониашро бо оҳи сарду вазнин пеши рӯ меорад; ба се-чор нафар дугонаҳои қадрдон бо оби чашму боалам мегӯяд, ки дар вақташ «як гул буду сад харидор дошт», ҳайф шуд, ки ҳайф шуд бо ин марди ношуду ношукри бадрашк. Аммо, ба қавли дугонаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дилсӯз, дар зиндагӣ ҳамин Шерматчаи пакана тақдираш будааст. Тақдир-ку тақдир, вале чаро то ҳол аз даҳони вай дар ҳаққаш туҳмату бухтон мерезад? Шерматча дили он замон беқарорашро чӣ хел ёфта монд, то ҳол муаммо менамояд. Агар ҳамон вақт ақаллан каму беш медонист, ки ин ҷавони пакана ба ин дараҷа бадрашку то ҳол ду писари нозанинашро аз камари худаш намедонад, бо ӯ ҳеҷ гоҳ дар як болин сар намемонд.

– Қадду қомати ман, ба қавли мардум, «пакана», – доимо бозардаю тунд худро кафонда, ба холаи Дилором неш мезанад Шермат, – дар рӯям набошад ҳам, дар ғоибам баъзе аҳмақҳо мегӯянд, ки «ин Шерматча паканаю ин ду писараш ландаҳур барин, падари онҳо кӣ бошад?».

– Астағфуриллоҳ гӯед, дадаҷонаш, қаҳри Худо меояд, – ашкрезон посух мегӯяд холаи Дилорому даст болои дили дардмандаш мегузорад, – мани гули садбарги тар чашм кушодаму фақат шуморо дидам, наход бовар накунӣ-а?

– Бовар кунам будааст? – аз ғазаб носро болои ҳам ба даҳон каппа мекунад Шермат, – мана, худи дирӯзакак, Қаҳҳори пӯстаку Шамси хар, ки каме ширакайф буданд, дар рӯям, шарм надошта, беибо гуфтанд, ки «ҳо, Шерматча, ин писаронат ба кӣ рафтаанд, ки ба ту ҳеҷ монандӣ надоранд?». Замин накафид, ки дароям,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳарчанд гӯям, ки ба тарафи бобою бобокалонҳояшон, тағоҳояшон рафтагӣ, модархатоҳо бовар намекунанд, хандаю мазоқашон диламро чор пора кард.

– Чӣ бисёр, мардони лаққии занбашараи гапкаш, – ашкашро бо сари остин пок мекунад холаи Дилором, – ҳар гапа гуфтан мегиранд, бовар накунед, беҳтараш ба онҳо аҳаммият надиҳед, мардак, замона намебардорад ин гапҳоро, яке боз писаронат аз шумо, дадаҷонаш, рӯй нагардонанд.

– «То шамол набошад, барги дарахт намеҷунбад» гуфтаанд, инро аз ман хубтар медонӣ! – аз ғазаб лаб мегазад Шермат, – росташа гӯй, бо кӣ ишқварзӣ кардаӣ, ки ман солҳо боз аз ин даҳонялаҳои белаҷом пичингу таъна мешунавам?

– Гуфтам-ку, дадаҷонаш, чашм кушодаму дар зиндагӣ танҳо шуморо дидам, насиб накунад марди бегона, – боз аз сари нав ҳиқҳиққунон ба гиря медарояд, холаи Дилором, – аз аспи ҷаҳл фаро, дадаҷонаш, айб аст, агар ин туҳмати ноҳақро ҳаққу ҳамсояҳо шунида монанд, чӣ мегӯянд? Охир, ҳама ба покдомании ман шубҳа надоранд.

– Набошад, чаро писаронам ба ман монанд не? – риши давидаашро аз ғазаб мехарошад Шермат.

– Ба шумо, дадаҷонаш, писаронат чунон монанданд, ки як себи ду кафон барин, – сура-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ти Ҷамолу Шамолро ба таги бинии Шермат наздик меорад холаи Дилором, – мана бинед, бинии онҳо мисли бинии сергӯшту паҳни шумо, гӯшҳояшон каме суфра, вале монанд, лабу даҳонашон мисли даҳони гурбачаҳо каме зовиядор, ба тағояшон рафтагӣ, қадду баст, дасту панҷаҳояшон ба раҳматии бобояшон монанд…

– Ёфтӣ-а, содаатро, то кай пинҳон медорӣ?! – аз ғазаб дандон мехояд Шермат, – мӯйи писаронат заб-зард, чашмонашон каб-кабуд, инро намегӯӣ, дар авлоди мо зардмӯю чашмкабудҳо набуданд-ку?

– Ин кори Худо, дадаҷонаш, – аз гиряи талх оҳи вазнин мекашад холаи Дилором, – шояд дар се-чор пушти гузаштаатон зардмӯю чашмкабудҳо будаанд, мегӯянд, ки шаклу шамоил дар наслҳои баъдӣ такрор меёбад.

– Э, мани аҳмақ!Такрор мешудаасту фаа-ллон мешудааст! – Шермат лаби поёнашро поён кашида, холаи Диломро сӯз медиҳад.

– Ихтиёрат, дадаҷонаш, бовар накунӣ ҳам, ман дар зиндагӣ ба шумо хиёнат накардаам, – докаи сарашро ба тартиб медарорад, холаи Дилором, – дар солҳои ба мардикорӣ рафтанат, гоҳ-гоҳе танҳо ба бозор мерафтам, боқӣ ҳушу ёдам ба шумо буд, бачаҳоро тарбия мекардам…

– Медонам ҳамаашро, худатро мусичаи бегуноҳ нагир, – «макри зан сад реша дорад»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гуфтаанд, – аз қаҳр нохуни нарангушташро бо дандон мегазад Шермат, – ман бояд таҳқиқу аниқ кунам, ки писаронам аз пушти мананд ё аз шахси дигар. Агар аз хуну пӯсти ман набошанд, аз худат гила кун, ҳо, девонагии Шерматро медонӣ…

– Хуб шудааст, дадҷонаш, муайяну мушахас кунед, ман розӣ, – ба рӯяш оби сардро мепошад холаи Дилором, – ҳоло илм пеш рафтагӣ, «денка» гуфтагӣ чиз баромадааст, дар телевизони Русия нишон медиҳанд-ку, оби даҳони дадаҷонашу Ҷамолҷону Шамолҷонро гирифта, дар як мижа задан мегӯянд,ки: – фалонӣ,ту фарзанди ан вай… бисмадонӣ ҳастӣ.

– Маълум, ки ҳамаро медонӣ, лекин ман ҷиннӣ не, ки ду-се ҳазор долларро ба денкапенкаи ту мегуфтагӣ ҳамту партоям, – ғазабашро каме фурӯ бурда, қоматашро рост мекунад Шермат, – ба Қозихӯҷаи муаллим, ки чеҳрашиносу мунаҷҷими машҳур аст, муроҷиат мекунам, вай бо як қираи чашм ҳамту нигоҳ карда, рости росташа мегӯяд, ки писаронам аз камари мананд ё каси дигар!

Аламии холаи Дилором аз шунидани номи Қозихӯҷа боз тозатар мешавад. Қозихӯҷаи муаллим на чеҳрашинос асту на ситорашиносу на ягон балои дигар. Вай ҳам, мисли ҳамин Шермат, замони «садбарги тар» буданаш, ҳаводору хушдораш буд, ҳоло ҳам агар ӯро, баногоҳ дар кӯча дида монад, ба ҷойи салом додан сари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тосашро ларзондаю пасу пеш мебарад, лаб мегазаду ба вай бо ҳавас менигарад. Аммо, аз ин сир, Шермат то ҳол бехабар аст. Қозихӯҷаи то ҳол ба Дилором дилкашол, шояд аз ин фурсати муносиб сӯистифода кунаду ноҷавонмардона ба Шермат дурӯғ ҳам гӯяд. Он гоҳ чӣ иттифоқ меафтад, инро ҳоло холаи Дилором тасаввур карда наметавонад. Чӣ кор ҳам мекард? Замин пасту осмон баланд. Шермати бадрашк аз нияташ баргаштанӣ нест…

## ШИНОСОӢ

– Алло, алло!

– Лаббай, гӯш мекунам.

– Салом мегӯям, алек мегиред.

– Чаро не, воалайкум. Лекин дар ин нисфишабӣ.

– Шинос мешавем. Номи ман Сорохон аст.

– Мебахшед, ин чӣ тавр мешавад?...

– Ман зану шумо мард. Шумо, мардҳо, бояд занонро кофта гардед. Ҳоло хамааш чаппа шудагӣ, мефаҳмед.

– Ҳа, кам-кам.

– Чӣ, кам-кам? Каллаварам!

– Мебахшед, ҳақорат надиҳед, хонуми зебо.

– Аз куҷо медонед, ки ман зани зебоям?

– Аз садоятон, форам аст, маҳин, гӯш роҳат мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ана дидед, шумо ғар, занакабоз ҳастеду ба хушомад задан даромадед.

– Не, ин хушомадгӯӣ не, ин аз рӯйи одобу эҳтиром, хонуми зебо.

– Садои шумо ҳам бад не, мисли артисто гап мезанед-ку?

– На, ман ҳунарманд не, рассомам.

– Чӣ хел рассом? Суратгирам гӯед.

– На,на! Ман – рассом, манзара, портрету мусаввара мекашам.

– Ҳа-ҳа, одами пулдорам, гӯед.

– Пули чӣ, хонуми зебо? Бо гонорар рӯз мегузаронам.

– Гонорараш чӣ? Фаҳмотар гап занед!

– Ҳаққи қалам, дастмузди майнаобкунӣ, бедорхобӣ…

– Фаҳмо, як расм мекашеду ба хориҷиҳо онро чор-панҷ ҳазор доллар мефурӯшед.

– Кошкӣ, ҳамин хел мебуд, хонуми зебо.

– Ду-се зан ҳам доштагистед, рассом.

– Шумо маро нафаҳмида истодаед, хонуми зебо.

– Фаҳмида истодаам, ки боз майли зан гирифтан доред.

– Аз куҷо? Занам кайҳо худораҳматӣ…

– Ғам нахӯред. Хуш,ин қадар пули калон, ки мегиред, хона, мошин, дача ҳам доштагистед?

– Аз куҷо, хонуми зебо?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Аз куҷо, аз куҷо! Шумо зихнаи мумсик барин.

– Шумо маро дуруст фаҳмед, ман иҷорашинам, на хона дораму на дача. Пул ҳам надорам, бо нафақа зиндагӣ мекунам.

– Ҳамааш дурӯғ, рассом. Як вақтҳо, як дугонаам маъшуқаи шумо барин рассоме буд. Чунон хушбахт буд, ки хушбахтирини дунё.

– Дуруст, он вақтҳо гузашта рафт. Мо – рассомон кайҳо қашшоқу камбағал шудагӣ, мефаҳмед, хонуми зебо.

– Дурӯғ мегӯед, рассом, метарсед, ки ман мероси шуморо соҳибӣ мекунаму ба вай зани мисли гӯсфанд фарбеҳат чизе намерасад.

– Ё тавба, занам кайҳо мурда рафт, як пойи худам ҳам дар лаби гӯр овезон, монед ин гапҳоро, арвоҳи занамро ноором накунед, хонуми зебо.

– Ана дидед, ба ман майл доред, маро хонуми зебо мегӯед, хушомад мезанед, яъне дилатон кашол, ки маро бубинеду шинос шавед.

– Фоида надорад, хонуми зебо, фаромӯш кардед, ки гуфтаанд: «зани ҷавону марди пир, сабад мону чӯҷа гир».

– Ман сабад бошам, шумо хурӯс мешавед, баъд чӯҷаҳоямонро кофта мегардем.

– Хонуми зебо, шумо ҳоло ҳам маро дуруст нафаҳмидед, вақти хурӯсии ман кайҳо гузашт. Тоҷи сурхам кайҳо сап-сафед шудагӣ, шабу рӯз афсӯс мехӯрам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

– Зарар надорад, хурӯсҷон, дар паҳлуякам кам – кам қуд-қуд карда, болу пар кушоеду дугонаҳоям дар бари ман, шумо барин, хурӯсаки тоҷсафедро бинанд, шуд.

– Не, не, хурӯсро аз ҷойи дигар ёбед, хонуми зебо.

– Хурӯс нашуда…

# ХОСТГОРӢ

**Б**арои интихоби арӯси чор кас медидагӣ, хушқадду қомат, абрукамону шаҳлочашм, мӯяш аз камар поин ва панҷ панҷааш ҳунар як соли расо аст, ки холаи Сафаргул такудав дораду саргардон. Панҷ-шаш деҳаи атрофро ҳамроҳи кампири Гулдаста гашту гашт, аммо, ба қавли худаш, «асираи зебоеро барои писари паҳлавонаш тухми анқо будааст, ки ҳеҷ пайдо накарду пайдо нашуд». Ба ҳар хонадоне, ки духтаронашон ин сифатҳоро каму беш доштанд, дасти холӣ не, барои бибию модару арӯси оянда туҳфа бурд. Хароҷот дандоншикан ҳам бошад, лаб зери дандон мегузошт, тоқат мекард. Амаки Расул, аз чунин саховатмандии ҳамсараш дилтанг мешуд, доимо ба вай шадидан таъкид мекард: «ҳой, занак, ҳоло мо ба ягон кас қудоюю анда не-ку, чаро бебаркаш туҳфа мебаред?» Аммо ин таъкидҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



бефоида буданд, холаи Сафаргул ташрифи дасти холиро барои худ эб намебинад, мисли қадимиҳо рафтор карда, «сафед» кардани сари қудошавандаю арӯсро фоли нек медонад.

Ба ростӣ, холаи Сафаргул аз ин саргардониҳо, маломату нешзаниҳои шавҳар хаста ҳам шудааст, лекин бо дидани Ҷамшедҷони муҷарради паҳлавон, ки синнаш ба сӣ наздик мешавад, шалпарию мондагиро фаромӯш мекунад. Ҳамин ки номи соҳибҷамолеро аз даҳони нафаре шунид, мисли моргазида беқарор ме-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шавад, кампири Гулдастаро, ки дар ғаму шодӣ ҳамеша бо ӯст, дар ҷараён мегузорад, ҳар ду бо маслиҳат омодагии сафарро мебинанд.

Чанде пеш аз деҳаи Хами Шол, шиноси дерина, кампири Ҳурмат, ки аз такудавҳои холаи Сафаргул чанд вақт боз бохабар аст, ба вай занг зада, духтареро чунин сифат кард:

– Моҳи шаби чордаҳ, қадду қомат алиф, лабу даҳон пистаю анори дона, ду абру – думи мор, болои рухсори росташ холи нозук, зеби писарат, дер накунед, дугонаҷон, ки вай як гулу сад харидор доштааст.

– Ин ҳур духтари кӣ будааст, апаҷон? – якбора хурсанд шуд холаи Сафаргул.

– Як духтараки шаҳрӣ, ба хонаи холааш ба меҳмонӣ омадааст, гуфтам-ку, харидораш аз мӯйи сиёҳи ғулиаш зиёд аст, – бори дигар сифату таъкид болои таъкид кард кампири Ҳурмат.

– Балотона гирам, апаҷон, харидораш аз мӯйи сараш зиёд гуфтед, о, вай, ангуштарию ҷавоҳирот набудагист? – аз чунин таърифҳо якбора бетоқат шуд холаи Сафаргул.

– Гуфтам-ку, ин духтар ҳур, парӣ, «ман» мегуфтагӣ ҷавонмард бо як дидан пеши пояш афтода, Маҷнун мешавад, – кампири Ҳурмат таърифи духтарро ба авҷи аълояш расонд.

– Ду соатак баъд расида меоем, апаҷон, ба холааш расонед, ки нияти мо, қудошавандаҳо, ҷиддӣ, маъқул шавад, ҳафтаи оянда тӯю сурро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

барпо мекунем, – илтиҷо кард холаи Сафаргул.

Шояд аз саросемагӣ бошад, ё таънаи шавҳар, ки холаи Сафаргул ин дафъа бе қанду қурсу туҳфа ба арӯсхушкунӣ рафт. Холаи арӯс баланд ҳам набошад, ба гӯши кампири Ҳурмат пичиррос зад, ки «шиносонат аз сари мазор омадаанд, ки чор нону як кило қандро ба холаи арӯс эб надидаанд». Ин ҳарфҳоро холаи Сафаргул ҳам шунид, аз таъна сурху сафед шуд, вале сир бой надод. Ҳамин ки аҳволпурсӣ аз ду ҷониб шурӯъ шуд, холаи Сафаргул як сад сомониро ба холаи духтари шаҳрӣ дароз карда гуфт:

– Мебахшед, хоҳарҷон, «барги сабз – туҳфаи дарвеш» гуфтаанд, аз хурсандию саросемагӣ дасти холӣ омадем, моро айб накунед, мурам.

– Зарур не, зарур не, бори дигар хуш омадетон, «нияти нек – ними давлат» гуфтаанд, – гӯён хола пулро чолоконаю боэҳтиёт гирифта, зери курпача гузошту макорона даст ба омин бурд: – Худованд ҳамаро ба ҳамин рӯзҳои нек расонад.

Баъде ки ҳарфҳо байнашон пухт, хола ҷиянро, ки аз ин савдо каму беш огаҳ буд, ба назди меҳмонон даъват кард. Холаи Сафаргул маҳви ҷамоли духтар шуд. Аз ӯ чашм наканда, дақиқае духтарро бо пироҳани арӯсӣ паҳлуи писараш тасаввур кард – ҳар ду мисли як себи ду кафон. Холаи Сафаргул тоқат накард, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷой хесту «мана ҳусну мана ҷамол, ин Робиаи чилгазамӯйиро мо солҳо кофта гаштем» – гӯён аз ду рухсори лолагуни духтар пақ-пақ бӯсиду ӯро ба оғӯш гирифт ва як дона дусад сомониро ба зери рӯймоли ҳарири духтар халонда монд.

– Ин рӯбинонат, духтари ширин! – бетоқатона аз ҷой хест кампири Гулдаста ва ба палмосидани тану туши духтар даромад.

– Ҷияни ман ягон камбудӣ надорад, на маъюб асту на шал, ҳамаи чор иш…келаш дар ҷояш, – аз даст ба миёну синаҳои дамидаи духтар бурдани кампири Гулдаста нороҳат шуд холаи духтар.

– Миннатдор, миннатдор, хоҳарҷон, ҷиянат зеби писарам аст, – бори дигар таъзим кард холаи Сафаргул ва афзуд: – Хола ба ҷойи модар аст, гуфтаанд. Гуфтам-ку, хоҳарҷон, нияти мо ҷиддӣ, мехоҳам, ки ҳафтаи оянда ин Робиаи чилгазамӯй чун кабки хиромон дар ҳавлиам гашту гузор кунад.

– Ман розӣ, апаҷон, – даст пеши бар гирифт холаи духтару ба кампири Ҳурмат маънидорона нигариста, суханашро идома дод: – Писари шумо сисола будааст, ҷияни ман навакак бистро пур карду қадам ба бисту як монд. Аз Шаҳнозҷон пурсем, ки вай розӣ мешавад ё не?

Ҳама ба Шаҳноз, ки рӯймоли сарашро болои абрӯвонаш кашида, тез-тез занги телефонашро қатъ мекард, бо чашмони во нигариста



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

монданд. Ӯ хомӯш буд, дар дил холаашро сарзаниш мекард, ки вай аз рӯзгору бадбахтии ба сараш омада огоҳ аст. Аз ҷудошавӣ бо ҷияни шавҳари ин холаи дилсӯз як сол мегузарад, аз зиндагии қариб дусола боз соҳиби писарча ҳам аст. Бо ин андешаҳо ба холааш маънидорона нигаристу рӯймолашро аз пешонӣ поинтар кашид. Холаи рамузфаҳм чизеро дарк кард ва бо табассуми сохта ба меҳмонон рӯ овард:

– Ягон арӯс маҳри худро набуридааст, ки Шаҳнозҷони ман дарров ба шумо «ҳа, ман розӣ» гӯяд. «Аз сабр ғӯра ҳалво шавад», гуфтаанд. Ҳамин ки ҷиянам розигиашонро доданд, ман ба шумо хабар медиҳам.

Холаи Сафаргул як ҳафтаро бо рӯзшуморӣ гузаронд, пазмони хушхабар аст, аммо кампири Холмоҳ ба зангҳояш ҷавоб намедиҳад. Кампири Гулдаста ҳини даст ба тану туши Шаҳноз бурдан чизеро пай бурдааст, ки ба дугонааш ҳар гуна ишораҳо ҳам кунад, бефоида. «Зеби писарам, зеби ҳавлӣ, ормони дилам ин духтар аст», бехудона мегуфт холаи Сафаргул.

Оғози ҳафтаи дуюм занги кампири Холмоҳ холаи Сафаргулро ларзонд. Аввал бовар накард, фикр кард, ки кампир бахилӣ дораду дар ҳаққи Шаҳноз тухмат мезанад, аммо бо шунидани «хулосаю мушоҳида»-ҳои кампири Гулдаста якбора «тарбуз аз бағалаш афтида монд».

Акнун холаи Сафаргул дар фикри он аст,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки сесад сомонии муфт аз даст додаашро аз ин муомила бозпас гирифта метавонад ё не? Агар не, боз зери таънаю маломати шавҳараш, амаки Расул, хоҳад монд.

## БОМБА

Дар маҳаллаи Заркамар, Зарифи Исо, аз рӯйи мушоҳидаи бобои Сангалӣ, нисбат ба дигарон обрӯманд ва соҳибэҳтиром аст. Панҷ-шаш нафар паҳлавонсуратҳо шабу рӯз дар атрофаш парвона. Онҳо бо пайдо шудани Зариф, ки қадду басти расо ҳам надораду ишками калонаш вайро бенур нишон медиҳад, даст пеши бар гирифта, ғуломвор чорқад мешаванд. Ин пиракӣ, аз рӯйи одат, ду сол боз сирри ин маҳбубияти Зарифро ҷӯёсту кашф карданист. Ҷавонони ҳузарб аз чи бошад, ки ҳатто бо пайдо шудани сояи бобои Сангалӣ худро ба ҳар дару девор зада, мекӯшанд, ки аз чашми вай пинҳон монанд.

– Ин саги пир то мурданаш аз бӯйгирӣ намемонад, аз вай эҳтиёт шавед! – хавотиромез ба дастёрон таъкид мекунад Зариф, – Худо накунад, агар ним сари мӯй аз кору бори мо огаҳ шавад, фардо дар бозор нақораю дойра менавозад.

– Бӯй гирифтан гирад, мо кӯдаку гӯл нестем-ку, ака, – ин ҳарфҳои дастёрон Зарифро ҳамоно қувват мебахшад ва ӯ бо карру фар ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кафи бози ҳар кадоме сад сомонӣ мегузорад. Ин аз он хотир аст, ки шаби гузашта кораш омад кардааст, ҳам саховат дораду ҳам табъи болида.

Зариф, чор сол пеш, ду нуқтаи мошиншӯиашро фурӯхту бо маслиҳати чанд қадрдон аз канори шаҳр бӯстонсаро харид ва ба тиҷорати сагҳои зотӣ машғул шуд ва ҳоло дар сагбозор ба ӯ чор-панҷ нафар бо ангушт ишора ҳам мекунанд. Вай, аввалҳо, кӯчукҳои зотии якмоҳаю думоҳаро арзон мехариду баъди ду-се моҳи парвою парвариши махсус ба ошиқони саг дучанду сечанд қимат мефурӯхт. Кораш, ки омад кард, ба тиҷорати сагҳои ҷангӣ гузашт ва





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худаш ҳам гоҳ-гоҳе дар ин «маъракаҳо» бо дусе саги дандонтез ширкат мекардагӣ шуд. Сагҷанг, ба қавли эшон, қимори махсус аст, соҳибони сагҳо пулро бедареғ зери пойи ҷангандаҳо мепартоянд. Ҳолдонҳо дар ҳозиру ғоиб мегӯянд, ки агар дар ин қимор як саги тездандони боқувват ҳамҷинси худро мағлуб созад, соҳиби он шахси лучак ҳам бошад, бойу бадавлат шуда, биниаш осмонро метарошад.

Ҳоло Зариф, миёни сагҷаллобҳо, маҳбубияти хосса дорад: сагшинос асту сагбоз, боз соҳиби чор сар саги ҷангӣ, яке аз дигаре боқувваттар, нотарсу хоянда. Ба «Бомба»-и дусолаи вай ҳатто «Наполеон»-у «Нелсон»-у «Гитлер»-и сагбозҳои номӣ дасту панҷа нарм карда наметавонанд. «Бомба» ҳамаи онҳоро хойида, маҷақу мағлуб кард ва ба ивази ин пирӯзиҳо Зариф пули калонеро ба ҷайб зад. Дар хобу бедорӣ ҳушу хаёли Зариф ба «Бомба» аст. Хуб дар хотир дорад: кучукчаи дуҳафтаинаро, ки аз гурбаи одӣ каме бузургтар буд, чӯпоне ба хотири сагбоз буданаш ба ӯ бахшид. Ду гӯшу думашро Аҳмад – байтори ботаҷрибаи шаҳр боэҳтиёт буриду табобат кард. Зариф ҷойи парвариши сагчаро бӯстонсаро не, балки таҳхонаи ҳавлиаш интихоб кард. Дар он рӯзҳо, ки кораш аз қимори саг он қадар омад накарда буд, занаш қошу қавоқ дошт, ӯро бо ҳар баҳона маломат карда, таънаи обдор мезад:

– Шармандагӣ, ҳамсояҳо гову гӯсфанд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

парво мекунанд, ки зиндагиашон хубтар шавад, шумо бошед, дар таҳхона саги ҳаром парво карда истодаед, мардак!

– Аз даҳонат «ҳаром»-ро шамол барад, гӯлу нодон! – аз шунидани ин ҳарфҳо безобитаю дар хашм мешуд Зариф ва бо мушти гиреҳ занашро огоҳ мекард: – Саг парво мекунам, хук мепоям, ин сирро касе набояд донад! Ба рӯйи бобои Сангалии хабаргири хеши дурат, минбаъд зора ҳам кунад, дарро накушо! Чойро дар хонаи писараш нӯшад, фаҳмидӣ!

Зан аз тундхӯии шавҳар огаҳ, ки буд, дигар ба шуғли нави вай кордор нашуд, лаганди сагро пур аз гӯшти қайла ҳам бинад, чашм мепӯшиду аҳамият намедод.

Зариф дар хилватии шабҳо, ба қавли занаш, «моли парвоияш»-ро ба мошин бор мекарду ба сайру гашт мебурд. Бо гузашти чор моҳ «ару урр» ва ғиреви сагча шабеҳи шербача гашт. Зариф ба вай номи воҳима – «Бомба»-ро муносиб донист. Аз рӯйи маслиҳати Шодию Карими дастёру хидматгор дар бӯстонсаро барои Бомба ҷойи махсус ҷудо шуд. Акнун ин шерсурат дар ҳавои кушод мезист, чунон меғурриду мечакид, ки аз садои ҳавлангезаш дигар сагҳо аз тарс шоша сар медоданд.

– Ба ман саги боқуввату гизалаи хоянда, нотарс – мири ғазаб даркор, ки бо як зарба ҳатто шерро аз пой афтонад, – ҳавобаландона таъкид мекард Зариф ба Шодию Карим. –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Кӯшиш ба он диҳед, ки Бомба аз хӯсаи шеру хирс натарсад, хӯсаҳоро пора-пора ҳам кард, парвое нест, боз меёбем се-чор хӯсаи дигарро.

– Бомба, агар бо хойидани хӯсаи шеру хирс одат кунад, бо сагу дигар ҳайвонҳо ҷанг накарданаш ҳам мумкин, – дудилагӣ иншон доданд дастёрон.

– Ин зоти сагҳоро, чӯпонҳо «хирсгир» меноманд, каллаварамҳо! – абру чин кард Зариф, – «ман» мегуфтагӣ саг, ҳатто хирсро ин ҷонивар, дар чанд сония пора-пора мекунад.

– Ба ҳар ҳол Бомбаро, ки шашмоҳа мешавад, имтиҳон кардан лозим, тарс дорад ё не? – панҷаҳои сермӯйи ғафси сагро молиш дода илова кард Карим.

– Мушкиле нест, ба Муқим мегӯям, ки фардо шаб Апполонашро ба ин ҷо биёрад. Шумо Бомбаро ба ҷанг омода кунед, – сари сагро сила карда омирона гуфт Зариф ва афзуд, – Бомба бояд нимгурусна бошад.

– Чаро нимгурусна? – ҳайрон монд Карим.

– Шумо аз илми сагпарварӣ ҳанӯз огоҳ нестед, – Бомбаро аз сари нав бомеҳр ба оғӯш гирифт Зариф ва бо нимтабассум гуфт: – Барои саги нимгурусна саги рақиб ҳам харгӯш менамояд, медонед-а, гӯшти харгуш барои саг ғизои беҳтарин аст.

Шодию Карим акнун дарк карданд, ки чаро Зариф сагҳояшро бештар бо гӯшти харгуш парво мекунад. Бомба бошад, ҳанӯз ба хӯрдани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯшти хоми харгуш одат накардааст, бештар вақт қайлаи онро ҳарисона мехӯрад. Шаби оянда чӣ тавр Бомба Наполеонро харгуш гумон мекунад, барои дастёрон муаммост, шояд вай рақибашро хирс ё ягон ҳайвони дигар пиндорад.

Дар соҳили дарё соҳиби Наполеон бо карру фар сагаро аз мошини сиёҳшиша берун овард, дар торикии шаб ҷуссаи Наполеон нисбат ба Бомба бузургтар. Маълум, ки саги ҷангӣ аст, вай дарҳол бӯйи Бомбаро ҳис кард ва бо панҷаҳои боқувваташ ба харошидани сабзаи тар даромад.

Зариф аз дохили мошин ин манзараро тамошо дошт ва бо дидани Наполеон ба Карим, ки аз занҷири Бомбаи беқарордошта меистод, ҳавобаландона гуфт:

– Харгуши тапа – тайёр, мебинӣ, Бомбаи мо вайро дар як лаҳза ним луқма мекунад.

Аз ду ҷониб чароғҳои мошин майдони сералафи канори дарёро рӯшан карда буд. Бомба бо дидани Наполеон якбора безобита шуда ба ғурридан даромад. Наполеон, баръакс ором менамуд, аммо тез-тез шоша сар медод. Муқими сагшиноси ботаҷриба, ки низоми сагбозор дар ихтиёри ӯст, дарҳол пай бурду ҳис кард, ки Наполеон аз ҳайбати ҳамҷинси худ сахт тарсидааст. Бинобар он, сир бой надод. Ба Зариф, ки Бомбаро ором кардан мехост, рӯ овард:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Ин гургбача далер метобад, маълум, ҳоло зарбаи панҷаи шерро нахӯрдааст, сар те вая.

– Далер-ку далер аст, ака, лекин то ҳол наҷангидааст, – бо пиджакаш сари Бомбаро пӯшонд Зариф, то ки саг каме ҳам бошад ором шавад.

– Ин хирссуратро аз куҷо ёфтӣ? – манаҳи борики Наполеонро боло бардошт Муқим, то ки саг ҳаберо, ки номаълумакак ба вай хӯронда буд, пурра фурӯ барад.

Зариф аз «гургбача» ба «хирссурат» ташбеҳ ёфтани Бомба хурсанд шуд, ки вай дабдалаи Наполеони Муқимро мебарорад. Аз ин рӯ, бо каме тарсу бим, ки ба соҳибони сагҳо пеш аз оғози сагҷанг рух медиҳад, посух гуфт:

– Қиссааш дароз аст, ака, чӣ, сар диҳем сагҳоро?

– Сар диҳед, лекин шумо аз занҷири Бомба дошта истед. Кӣ медонад, ки чӣ шуданаш мумкин? – суоломезу хавотиромез таъкид кард Муқим.

Бо ишораи Зариф Карим пиджакро аз сари Бомба бардошту Шодӣ занҷирро аз чархи мошин раҳо кард. Муқим ҳам Наполеонро наздик овард. Бомба хеле оромона ба ҳариф наздик шуд, Наполеон аз сару гардани вай бӯй кашида, думи кӯтоҳашро ба ликкондан даромад. Ҳис кард, ки рақиб мода нест, худро бидуни ихтиёр ба қафо зада, арросзанон дандонҳои шикориашро ба Бомба нишон дод. Наполеони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар ҷанг таҷрибаандӯхта, бо як чолокӣ гӯши чапи Бомбаро зери дандон гирифту ба хойидан даромад. Аммо ин кӯшиши беҳуда буд, Бомба аз зери саги камқувват худро озодона раҳо кард ва бо дандонҳои тезу дарози худ аз гулӯи Наполеон газида, дар мижа задан рақибро ба замин хобонд ва бӯғӣ кард.

– Ҷудо кунед сагҳоро, ҷудо кунед, кашед занҷири ин хирсро, – ба зорӣ даромад Муқим .

Карим Бомбаро бо гӯши хунолуд, ки ҳанӯз ҳам ғирев дошт, базӯр ба мошин бор кард, аммо Наполеон болои сабза беҳуш мехобид.

– Бо ин Бомбаат сагбозорро, албатта, соҳиб мешавӣ, додар, – бо зарда рӯ овард Муқим ҷониби Зариф ва занҷири хунолудро ба гардани Наполеони забонаш овезон, ки базӯр-базӯр нафас мегирифт, гузаронд.

– Лекин саросема нашав, каме сабр лозим, сагат солашро гирад, он вақт ба ӯ хирс ҳам сар ба сар шуда наметавонад.

Соли сеюм аст, ки Зариф дар сагҷангҳо дастболост. Бист сар сагҳои гуногуни зотии соҳибонашон аз ҳар аз гӯшаю канор овардаро Бомба хойду шикаст дод ва пули зиёде ба ҷайби соҳибаш рехт. Акнун Зариф гоҳе пинҳону гоҳе ошкоро, ҳатто дар интернет бо рамз Бомбаро реклама мекунад. Медонад, ки дар минтақа мисли Бомба саге вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, гоҳе таваккал маблағи калонеро мукофот мегузорад, аз дуру наздик сагҷаллобҳою саг-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бозҳо ташриф оварда, дар хилваткадаҳо маъракаи сагҷангӣ мероянд ва Бомба ҳамоно ғолиб меояд.

Овозаи Бомба ба дуриҳои дур рафт. Сагбозе аз кишвари ҳамсоя барои шикасти Зарифу маҷақсозии Бомбаи овозадор бо се сар саги зотии бадҳайбат ҷангӣ ташриф овард. Сагҳои хушзоти меҳмон, ки боре ҳам шикаст нахӯрда буданд, ӯро ба пирӯзӣ ва бурди калон дилпур сохта буд. Мукофотро дастандаркорон панҷоҳ ҳазор доллар муайян карданд, ки ин нархи Бомба маҳсуб меёфт. Дар сурати ғалабаи Бомба бояд ин маблағро меҳмон мепардохт. Зарифу меҳмон даст дода, қарордод даҳонӣ тасдиқ ёфт.

Сагҷангӣ, рӯзи якшанбе, дар як бӯстонсаройи беруназшаҳрӣ баргузор шуд. Танҳо сад нафар сагбозҳои ашаддӣ ва дӯстони хоссаи Зарифу меҳмон даври ҳам омаданд. Нахуст меҳмон саги худро, ки серпашму болобаланд менамуд, бо карру фар ба давра баровард, занҷири саг ҷило медоду медурахшид. Ин аз он шаҳодат медод, ки саг зӯр асту қимати зиёде дорад. Зариф аз ишораи сагшиносон маънӣ бардошт, ки ландаҳури меҳмон бо пашми дароз зоти Қафқозӣ буда, дар ҷанг пурқувват нест, зуд мондаю лакот мешавад. Бинобар он ба пирӯзӣ дилпуртар шуда, Бомбаи бетоқатро ба давра баровард. Одамон бо дидани саги болобаланди зебою бо чашмони хунгирифта ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гӯши якдигар пичиррос мезаданд, аммо душвор буд фаҳмидан, ки онҳо ба чӣ ишора мекунанд. Ба мағлубияти Бомба ё Юпитери меҳмон.

Дар сагҷангӣ қоидае ҳаст, ки аз он соҳибони сагҳо бидуни қайду шарт сарпечӣ надоранд. Рафту ҳайвоне иллат бардораду маъюб шавад, соҳиби он мағлубиятро бояд бипазирад. Довари пир ин шартро бори дигар барои ҷонибҳо хотиррасон кард. Меҳмон айнаки сиёҳашро аз чашм гирифта, барои тасдиқ сар ҷунбонд, ки ба ин расмият шинос аст.

Дар давра хомӯшӣ ҳукмфармо гашт. Нигоҳи ҳама ба Бомбаю Юпитер. Довар бори дигар хотиррасон кард, ки сагҳо то охирин нафас меҷанганд ва аз пой афтидани яке ғолибро муайян мекунад. Бомба мисли шер меғуррид, Юпитер шоша сар дода, ғиреваш баланд набуд. Карим шошаи саги рақибро дида, ба гӯши Зариф пичиррос зад:

– Юпитер тарсидааст, Бомба ӯро хойида пораю маҷақ мекунад.

– Дидам-дидам, ин фоли нек аст, – хурсандӣ кард Зариф.

Ду саги ба хуни якдигар ташна ба ҳам заданд. Бомба, чун одат, чолокона аз гулӯи рақиб бо дандонҳои боқувваташ сахт газиду дигар сар надод. Ин ҳолат ним соат идома ёфт. Бомба садое надошт, аммо Юпитер аз шиддати дард бошад, ки заифона менолид. Тамошоби-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нон, ки оромона ин манзараро медиданд, аз беҳолу бемадор гаштани Юпитер афсӯс хӯрда, ба меҳмон ишора мекарданд, ки даст бардорад, то мағлубиятро бипазираду сагаш зинда монад. Аммо меҳмон ба ишораҳо бетавофут буд ва чашм аз саги беҳолу бемадори худ намеканд. Юпитери бузургҷусса охирон ба бӯғӣ тоб наовард, дасту пойҳояш дигар кор намедод. Вай дар пеши чашмони тамошобинон мисли хӯсае ба замин ғалтид. Бомба бошад, ҳамоно гулӯи вайро сар намедод. Ду пойи муаллақи Юпитер бемадорона меларзиданд, вай дар ҳоли ҷон бохтан буд. Бомба ҳис кард, ки рақибаш дигар маҷоле надорад, гулӯи саги мурдаро раҳо кард ва бо даҳони хунолуд сар боло карда, ба тамошобинон мағрурона менигарист. Зариф дар зери ҳаёҳуи одамон Бомбаи ғолибро ба оғӯш гирифта, ба сару пушти саги арақшор оби сард пошид.

Меҳмон, агарчанде, ҷон бохтани Юпитери ба қавли худаш то ҳол «мағлубнопазир»-ро дида бошад ҳам, аммо дар симои ӯ ҳанӯз мағлубият ҳувайдо набуд. Ду саги барои эҳтиёт овардааш ба вай қуввату дармон мебахшид. Вай баъде ки дастандаркорон ҷасади Юпитерро аз давра берун бурданд, ба довар гуфт, ки сӣ ҳазор доллар мукофот мегузорад, ба шарте ки Бомба бо ду сагаш баробар биҷангад. Зариф бо шунидани чунин пешниҳод муттаҳайир гашт, намедонист чӣ ҷавобе бидиҳад. Барои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳаводорони Зариф ин мояи ҳайрат буд ва марги эҳтимолии Бомбаро пеши рӯ оварда, ба якдигар ҳайрон-ҳайрон менигаристанд. Бомбаи бечора қариб як соат бо Юпитер андармон шуда, неруи зиёде сарф кард ва монда ҳам шуда буд. Гурусна ҳам аст. Ақалан як-ду соат дам гирад. Кӣ медонад дар як навбат бо ду саги боқувват ҷангида метавонад ё не? Зариф дар фикри вай нест, ҳоло пеши рӯйи ӯ махрути пул: на камтар аз сӣ ҳазор доллар меистад.

– Акаи Зариф, розӣ нашавед, ба Бомба раҳм кунед, саги шумо то ҳол бо ду саг наҷангидааст, вай бечора талаф меёбад, – ба илтиҷо даромаданд чанд нафар соҳибони сагҳои ҷангӣ. Ин дам Бомба дар назди Зариф ба зону зада, тез-тез нафас мегирифт, шикамаш пасту баланд мезад. Чашмони имдодталабонааш ба сӯйи мардум дӯхта шуда буданд. Гӯё тавалло мекард, ки « фурсатам диҳед, ки нафасамро рост кунам».

– Номардӣ мешавад, аллакай «ман розӣ» гуфтам, – бепарвоёна рӯ оварда ба ҳаводорони ҳайрон Зариф.

Давра торафт серодамтар гардид. Сагбозону сагҷаллобҳо кайҳо боз ҷанги се сагро надидаанд. Дар лабони баъзеҳо табассум дамида бошад ҳам, аммо ҳолати табии Кариму Шодӣ якбора тағйир хӯрд, афсӯс мехӯрданд, ки Бомбаро ба чунин имтиҳон – ҷангидан ба муқобили ду саг омода накардаанд. Аммо дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

умқи қалбашон шуълаи умед забона мезад, ҳар ду ба қуввату ҷасурии Бомба бовар доранд, вай набояд мағлуб шавад.

Баъде ки довар ҷонибҳоро ба мувофиқа овард, дастёри меҳмон ду саги ҷангиро ба давра баровард. Ҳайбати сагҳои сурхмӯйи бегӯш ба дараҷае буд, ки бисёриҳо гиребон дошта афсӯс хӯрданд, ки Зариф Бомбаро аз даст хоҳад дод. Аммо ин таассуфхӯриҳоро Зариф намешунид, вай мағрурона Бомбаро ба давра ҳозир кард. Саги ҳанӯз боре мағлубнашуда тарсу ҳаросе надошт, танҳо интизори ба ҳуҷум буд. Бо боло шудани чӯбчаи довар занҷиру тасмаҳо аз гардану фуки сагҳо раҳо шуда, онҳо барқвор ба ҳам заданд. Бомба даҳон гиз карда, намедонист ба кадоме ҳуҷум кунад. Сагони рақиб барои ҳуҷум пайти мувофиқ меҷӯстанд. Бомба чун одати паҳлавони нотарс ба ҳуҷум гузашт ва гулӯи яке аз сагҳои хашмгинро ба даҳон гирифта, чунон сахт газиду фишор дод, ки хуни сурхи фавворазада мӯйи сурхранги қафаси синаи сагро сурхтар сохт. Саги дуюм бо дидани хун девонавор ба гардани Бомба савор шуда, гӯши чапи кӯтоҳи ӯро ба зери дандон гирифт. Бомба дарди ҷонкоҳро ҳис карда бошад ҳам, гулӯи рақиброро сар намедод. Саги бӯғишуда баъди чанд дақиқа чун хӯсаи беҷон зери пойи Бомба ба замин ғелид. Бомба ӯро раҳо карда бошад ҳам, аз фишори дандонҳои саги дувум, ки дар рагу пайи гарданаш амиқ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

халида буд, сар боло карда наметавонист. Рақиби тездандон саги боқуввате буд, ҳис кард, ки агар гӯши Бомбаро раҳо кунад, хоҳад мурд. Бомба ба дарди ҷонкоҳ тоб наовард ва ҷуссаи бузурги худро рост кардан замон, саг порае гӯшт дар даҳон бо ғиреви ваҳшӣ аз гарданаш раҳо хӯрд. Бале, вай гӯши чапи Бомбаро тамоман канда буд. Аммо Бомбаи боқувват, ки танаш ҳанӯз гарм буд, дарду сӯзишро ҳис намекард ва барқвор ба ҳуҷум гузашту саги тарсхӯрда чанд ғел зада, рӯйи замин дароз кашид. Одамон ҳарчанд ҳаёҳую ғирев бардоштанд, аммо Бомба гулӯи саги аллакай мағлубшударо раҳо намекард. Ниҳоят зери дандонҳои тези Бомба ҷон дод.

Захми Бомба табобат наёфт. Зариф беш аз нисфи маблағе, ки аз ин қимор ба даст оварда буд, ба табобати саг сарф кард. Бомба оҳиста-оҳиста биноиашро аз даст дод ва баъди як сол дар бӯстонсаро боазоб ҷон бохт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



# *Л А Т И Ф А Ҳ О*

## АЗ ВАЙ ПУРС

Хонуми Афандӣ, ки хеле тундхӯю аз забонаш доимо заҳр мечакид, ногаҳон вафот кард. Афандӣ таги дил хурсанд ҳам бошад, рӯзона худро ба одамон азодор нишон медод ва шабро дар хонаи маъшуқааш бо хурсандӣ рӯз мекард. Ҳафтаи панҷум занаш ба хоби Афандӣ даромад.

– Ҳой, ландаҳури носии латта, чӣ ҳол дорӣ?

– Парво накунед, очеш, мотам гирифта гаштем.

– Дурӯғ мегӯӣ, занакабози шилқин!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Очеш, бовар накунӣ, аз вай пурс, ки ман чӣ тавр ғамгинам.

– Аз кӣ?

– Аз маъшуқаам.

## АЗ МУД БАРОМАДААСТ

Афандӣ дар пиронсолӣ ба зани нисбатан ҷавоне орзуи хонадор шуданро кард. Зани ҷавон аз хурсандӣ Афандиро ба мулоқот хост.

– Тасаввур кунед, ки Афандиҷон, мо зану шавҳар шудем. Шумо аз дастам мебӯсед ё аз лабам?

– На ину на он!

– Чаро?

– Дастбӯсиву лаббӯсӣ, ҷонаки ширин, кайҳо аз муд баромадааст.

## ДАСТИ РОСТАМ ШАЛ ШУД

Афандӣ дар як идораи чор кас медидагӣ солҳо ба ҳайси муҳосиби кордону бовиҷдон кор мекард. Сармуҳосиби идора худро овехту баъди чанде Афандиро дар маҷлиси калони истеҳсолӣ ба ин вазифа пешбарӣ намуданд. Афандӣ, ки аз ҳаромхӯрии сармуҳосибу раис огоҳ буд, аз ҷой хесту дасти росташро ларзонда – ларзонда, ба раиси идора рӯ овард:

– Мебахшед, ман дар ин вазифа кор карда наметавонам.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Чаро? Аз шумо дида, мо шахси сазовортаре надорем, Афандибой. Сабабашро ба мо фаҳмонед!

– Мебахшед, раис, ҳамин шаб дасти рости ман шал шуд, дигар қаламу коғазро дошта наметавонад.

## АФАНДӢ ВА СОҲИМҶАМОЛ

Қозии шаҳр барои порахориаш аз вазифа барканор шуду чанд муддат ба ҷойи вай Афандиро қозӣ таъйин намуданд. Ӯ парвандаҳоро аз рӯйи адолат баррасӣ карда, ба додгоҳ мефиристод. Ин обрӯйи Афандиро чун қозии боадолату шикастанафс дар шаҳр хеле боло бурд.

Аммо чанд қаллобе хостанд Афандиро бо ҳар роҳе, ки набошад, бихаранд. Яке тилло, дигаре ҷавоҳирот ва сеюмӣ хоҳари соҳибҷамолашро ба Афандӣ пешкаш намуд. Афандӣ ҳамаро рад кард, аммо он соҳибҷамол, ки солҳо боз ӯро мешинохту ошиқи шайдояш буд, аз пеши чашмонаш дур намешуд.

Бародари соҳибҷамолро ба наздаш хонда сиёсат кард:

– Ту, аҳмақ, чаро ба ин беномӯсӣ даст задӣ?

– Ҷаноби Афандӣ, ин беномӯсӣ не, хоҳарам худашон мехоҳанд.

– Дурӯғ мегӯӣ, аҳмақ!

– Не, не, ҷаноби Афандӣ, хоҳарам доимо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегуфт, ки агар Афандӣ қозии шаҳр шавад, ман ба ӯ мерасам.

## ДУХТАРИ АФАНДӢ

Духтари қадраси Афандӣ, ки гурбасурату қади паст дошт, талабгор пайдо накард. Хостгорҳо меомаданду медиданду мерафтанд. Афандӣ сир бой надиҳад ҳам, хафаю хиҷил мегашт. Аммо ин вазъ зани Афандаиро бештар асабоният карда буд, вай шавҳарашро таънаю маломат мекард, ки ӯ дар қиссаи хушбахтии духтараш ва пайдо кардани домод нест.

– Дигарон дар ҳама ҷо духтарашонро реклама мекунанд, аммо ту ба даҳон об гирифтаӣ?

– Хайр, ба мардум чӣ гӯям?

– Гӯй, ки духтаре ҳаст, панҷ панҷааш ҳунар, хомӯш, ҳунарманд ва хусуру хушдоманро ҳурмат мекардагӣ. Вай лоиқи «ман» мегуфтагӣ ҷавонмард мебошад.

– Пурсанд, ки вай духтари кист, чӣ ҷавоб диҳам?

– Мегӯӣ, ки аз зани дуюмам, ки ҳоло дар шаҳр ду мағозаи тиллофурӯшӣ дорад.

## БУЛБУЛОН ЧАҲ – ЧАҲ ДОРАНД

Афандӣ дар сари роҳ муллои маҳалларо диду барои ба ҷо овардани эҳтиром аз мошин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фаромада, бо ӯ салому алек кард. Дарҳол чашми Афандӣ ба риши дарози мулло афтид, ки дар торҳои он панҷ-шаш дона биринҷ дармондаанд. Афандӣ хост аз риши мулло донаҳои биринҷро ҷудо намояд, аммо «изои муъмин ҳаром» – гӯии мулло ба хотираш омад, ки бо лутфу меҳрубонӣ гуфт:

– Домуллоҷон, дар риши муборакатон булбулон чаҳ-чаҳ доранд.

– Шаккокӣ накунед, Афандӣ, шояд малоикаҳо будагистанд!

– Шояд, лекин малоикаҳо ошро саросема хӯрдаанд.

## «БА ТУ ЗАН НАМЕДИҲАМ!»

Муаллим ҷӯгибачаеро, ки дар синфи ҳаштум мехонду як ҳафтаи охир дар дарс иштирок надошт, аввал хуб сиёсат кард ва барои он ки шогирд наранҷад, меҳрубонона илова кард:

– Хуб, Қодирқулҷон, мардона гӯй, ки чаро як ҳафтаи охир ба мактаб наомадӣ?

– Бобокалонам намонд, акаи муаллим, – оҳи сарде кашид ҷӯгибача.

– Чаро? – ҳайрон шуд муаллим.

– Гуфтанд, ки агар ҳамроҳи ман гадоӣ накунӣ, соли оянда ба ту зан намедиҳам .



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЗНАЧИТ-НАҒЗ

Сардори нави идора дар маҷлиси ҷамъбастии якмоҳа баъди хондани ҳар як ҷумлаи ҳисобот «значит, значит» мегуфту калла меҷунбонд. Тобеъон маънии «значит»-ро «корҳоямон хуб будааст» фаҳмидаанд, ки чанд бор қарсак ҳам заданд. Сардор «значит» гӯён, сардори шуъбаи истеҳсолиро, ки нисбати дигарон гарм-гарм қарсак мезаду аммо кораш маза надошт, аз ҷояш хезонду сиёсат кард:

– Аз қарсакатон гӯши ҳама кар шуд! Шумо дар маҷлисед ё дар консерт?

– Ҷаноби сардор, аз «значит»-и шумо дарк кардам, ки корҳоямон нағз будааст, – ҳозирҷавобӣ кард сардори шуъба.

## « САЛОМАМРО АЛЕК НАГИРИФТ»

Ба Афандӣ гуфтанд, ки минбаъд нафақапулиатро аз банокомат мегирӣ. Ӯ ин хушхабарро ба хонумаш расонд.

– Мумкин банкоматаш одами хуб бошаду бе гирифтани пора нафақаатро сари вақт диҳад, – хурсанд шуд хонуми Афандӣ ва таъкид кард: – ба ҳар ҳол, ба вай салом додану гардан каҷ карданро фаромӯш накунед.

Афандӣ рӯзи нафақагирӣ ба назди банкомат омад, бо овози баланд «Ассалому алайкум,Банкоматҷон» гуфт, аммо алекро нашуни-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

да, малул ба хона баргашт. Хонумаш хавотир шуда пурсид:

– Нафақаатро пурра гирифтӣ ё вай ҳам ҳаққашро талаб кард?

– Аз куҷо, – лаб инҷ кард Афандӣ, – ӯ ҳатто саломамро алек нагирифт.

## МАСЛИҲАТ

Марди сезанаеро занонаш ба суд доданд. Вай дасту по гум кард ва намедонист чӣ кор кунад. Ба суд омаду ба мазмуни аризаҳо шинос шуд: мо шавҳарамонро байни худ тақсим карданием.

Аз чунин ранг гирифтани вазъ фишори марди сезана боло рафт ва намедонист дар суд чӣ ҷавобе диҳад. Бинобар он, бо табъи гирифта, барои маслиҳату тайёр кардани ҷавоби муносиб ба назди Афандӣ омад.

Афандӣ марди сезанаро хуб гӯш карду хеле завқид ва абрувонашро боло кашида, ба вай бо ҷиддияти хос гуфт:

– Туро фақат як зарбулмасал наҷот медиҳад, агар онро судя далел қабул кунад: як мавиз ба чил қаландар расидааст.

## ПАДАРОШНО

Аъмоли ҷиноии шахсеро судяе, ки як вақтҳо падарошнояш буд, муҳокима мекард. Ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ин шиносои̣ умеди калон дошт ва дар паси панҷара дилпур менишасту гоҳ-гоҳе сулфа рӯшан мекард. Прокурор нисбати вай даҳ соли зиндон пурсид ва судя, ки чунин ҳукмро ҳам интизор буд, сар ҷунбонду онро тасдиқ кард.

Ба маҳкумшуда сухани охирин доданд. Вай бо қираи чашм ба чор тараф нигаристу боалам гуфт: – ҷигарҳо хун шавад то як писар мисли падар гардад!

## «ҶОЙИ ШУМО ПОИН АСТ»

Афандиро ба тӯй хабар карданд. Соҳиби тӯйхона ӯро ба боло, ба назди чор – панҷ нафар ришкалонҳои муллонамо даъват кард.

– Чаро ман боло менишастам? – худро хиҷолаткашида нишон дод Афандӣ.

– Нуқлу шароб дар болост, Афандӣ, – даст пеши бар гирифт соҳиби тӯй.

– Набошад, ин ришкалонҳо дар ҷойи худ нанишастаанд-ку?! – манаҳи беришашро хорид Афандӣ.

– Ба қавли шумо ҷойи мо дар куҷост? – шӯрид яке аз ришкалонҳо.

– Нуқлу шароб, ки дар боло бошад, ҷойи шумо дар поин аст, – ба боло гузашта нишаст Афандӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## *АФАНДӢ ВА МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН*

## ПОСУХИ АФАНДӢ

Афандӣ моҳи рамазон худро рӯзадор вонамуд месохт, аммо пинҳонӣ рӯзаашро мехӯрд ва ин моҳро пурра дар бозор сипарӣ мекард. Бочаи муллояш мехост Афандии шаккокро бо ҳар роҳе, ки набошад, миёни мардум шармсор кунад. Вай барои рӯзахории Афандӣ имоми масҷидро, ки шахси хеле мутаассиб буд, ба бозор даъват кард. Ҳар ду диданд, ки Афандӣ дар растаи мавизфурӯшон бовиқор қадам зада, аз назди ҳар фурӯшандае як-ду донагӣ мавизро ба даҳон мепартояд.

– Ҳой, мардум, ба Афандии беимон нигаред! Вай дар рӯзи равшан аз Худою бандагонаш шарм намедорад, рӯзаашро мехӯрад, – аз каштали Афандӣ маҳкам дошт боча, ки аз ғазаб меларзид.

Афандӣ аз дидани имоми масҷид каме дасту по хӯрд, вале барои шарманда нашудан лабонашро лесида-лесида,ба мардуми ҳангоматалаб рӯ овард:

– Ҳой мардум, ҳамагон огоҳ бошеду донед! Муҳтасиби бозор ба ман амр кард, ки ҳар рӯз мазаю сифати мавиз, мағзу чағзи бозорро якяк чашида бинам, то маҳсулоти пӯсидаю бесифат дар моҳи шариф ба бозор роҳ наёбад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАЪВО

Афандӣ бо танбалие, ки дошт, ба падарарӯсаш маъқул набуд. Хусур мехост барои бепарвоии домод ва ранҷ кашидани духтараш аз вай қасос гирад. Бинобар он, дар моҳи рамазон ба қозӣ ариза навишт ва муҷозоти Афандиро талаб кард.

Қозӣ Афандиро сиёсаткунон аризаро хонду талаб ба миён гузошт, ки вай ба ҳар суол мухтасаран ҷавоб диҳад:

– Чаро дар моҳи рамазон гӯшту шакар намехаред?

– Занам, тақсир, бедандону ба маризии қанд гирифтор аст.

– Чаро пулатро аз занат пинҳон медорӣ?

– Ӯ нобино аст, тақсир.

– Чаро бо ӯ ҳамсуҳбат намешавӣ ?

– Вай кар аст, тақсир.

– Чаро аз занат ҷудо мехобӣ?

– Вай шал аст, тақсир!

## «БАДАМ МЕОЯД»

Афандӣ дар моҳи рамазон писардор шуд. Ҳамсояҳо ӯро табрику муборакбод карданд. Раиси бозор, ки аз ҳад зиёд хурофотӣ буд, ба Афандӣ рӯй овард:

– Мо, фикр дорем, ки ба писари шумо, Афандибой, аз рӯйи суннати куҳанамон Рамазон ном гузорем, зеро ин ном бисёр бофайзу бобаракат аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

– Не, не, ман ба ин асло розӣ намешавам, аз номи Рамазон бадам меояд! – оҳи сарде кашида, носро ба зери забон партофт Афандӣ.

– Ё тавба! Чаро? Сабаб чист? Шаккокӣ накунед, Афандӣ, – гиребонашро дошт, раиси бозор.

– Агар Рамазон моҳи муборaку муқаддас бошад, чаро фурӯшандаҳои бозори шумо дар ин моҳ нархҳоро дучанду сечанд боло мебардоранд? – бо қираи чашм ба раиси бозор маънидорона нигарист Афандӣ.

## ПОСУХ БА ГАДО

Гадое дар моҳи рамазон дари Афандиро сахт-сахт кӯфт. Афандӣ аз сӯрохии дар ба гадо нигаристу овоз рӯшан кард:

– Кист, ки бо ин берӯйӣ дари маро мекӯбад?!

– Ин манам-ку,ҳазрати Афандӣ, – бо тамаллуқ посух дод гадо.

– Чӣ ном дорӣ? Ман ба ашхоси ношинос дарро боз намекунам! – худро ба нодонӣ зад Афандӣ.

– Гадо ҳастам, пулу нон талаб дорам, ҳазрати Афандӣ, – кӯфтани дарро бо шилқинӣ идома дод гадо.

– Мебахшед, ман шахсеро бо номи Гадо намешиносам, – аз пушти дар дур рафт Афандӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## АФАНДӢ ВА МУЛЛО

Шахси сарватманде дар моҳи рамазон гӯсфанд кушту ифтор дод. Афандӣ бе даъват ба зиёфат омад ва дар паҳлуи мулло, ки табақи гӯштро соҳибӣ мекард, чорзону зад. Мулло Афандиро бад медид, аз наздикшинӣ бо мухолиф худро хеле нороҳат ҳис кард ва ба рӯйи харобу дароз ва бериши Афандӣ синча карда, худро якбора кафонд:

– Дар қиёмат ҷазои беришон хеле сангин аст, аз оташи дӯзах рӯяшон сӯхта чутӯр мешавад ва, ин бадбахтҳо, дар як мижа задан ба маймун табдил меёбанд.

– Нодуруст мегӯед, тақсир, дурӯғ торикии имон аст ва асло ин хел шуданаш ҳам мумкин не! – сағали гӯштро аз табақи мулло чолокона бардошт Афандӣ.

– Чӣ хел мешудааст? Шак наоред, Афандии бериш, ки рӯятон боз дар ин дунё сӯхта хокистар нашавад, – ғазаби мулло аз дастдарозии Афандӣ ба табақи гӯшт якбора аланга гирифт.

– Тақсир, аз рӯйи шунидам, дар он дунё ҳамин ки оташи дӯзах ба мову шумо баринҳо наздик омад, аввал рӯйи ришдарозон бензинвор аланга мегирифтааст у мо барин беришҳо боз чанд соле чунин зиёфатҳоро нӯши ҷон мекардаем, – сағалхоиро бепарвоёна идома дод Афандӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.**

**Бурҳон Салмонов**

**ХОСТГОРӢ**
*(ҳикояҳо)*

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М.Саидова*

Ба матбаа 31.07.2015 супорида шуд.
Чопаш 4.08.2015 ба имзо расид.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 5,0.
Адади нашр 1000.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Офсет-Империя» чоп шудааст.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*